# Ҳисобот
# дар бораи фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар соли 2012

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар соли 2012 дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, қарору фармонҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ба роҳ монд.

## I. Дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ.

Таи давраи ҳисоботӣ дар асоси қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, дастуру супоришҳои Президенти кишвар ҳангоми боздид аз Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон», фармоишҳои Вазири меҳнат ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва Низомномаи Агентӣ баҳри беҳтар намудани хизматрасонии иҷтимоӣ ба маъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат, бошандагони муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва дигар табақаҳои камбизоат як қатор корҳоро ба сомон расонид.

**Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии соҳа ба 28132 нафар аз рӯи ҳамаи самтҳо хизматҳои иҷтимоӣ расонида шуданд. Аз ҷумла, дар шароити статсионарӣ 1663 нафар, дар марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона 1802 нафар, дар шароити хона 4776 нафар, табобати санаторӣ-курортӣ зиёда аз 1926 нафар, бо аробачаҳои маъюбӣ 927 нафар, бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ,пояфзол барои протез, ортез, камарбанди чармӣ 5410 нафар, 9567 адад асо ва асо барои нобиноён, 2061 ҷуфт асобағал таъмин карда шуд, ки нисбати соли гузашта 20 % зиёд аст.**

Илова бар ин, ҳамарӯза шумораи зиёди шаҳрвандон ба тариқи шифоӣ муроҷиат намуда, тибқи қонунҳои дар самти ҳифзи иҷтимоӣ буда ва мувофиқи имкониятҳои мавҷуда қаноатманд гардонида шуданд.

**Хизматрасонии иҷтимоӣ барои муассисаҳои будубоши доимӣ**

Дар номгӯи ташкилотҳои системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ду хона-интернати беморони касалиҳои рӯҳӣ, панҷ хона-интернати пиронсолону маъюбон бо се шӯъбаи кӯдакона барои кӯдакони имконияташон маҳдуди ҷисмонию зеҳнидошта, ММТ барои кӯдакон ва наврасони “Чорбоғ” ва Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон бо филиалаш дар ноҳияи Рушон фаъолият менамоянд. Соли ҷорӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо 1663 нафар бошандагон, аз ҷумла 650 нафар кӯдакон зиндагӣ мекунанд, ки нисбати соли гузашта 55 нафар (асосан аз ҳисоби Литсей-интернат ва филиали он дар ноҳияи Рушон) зиёд аст. Аз онҳо 966 нафар мардон ва 697 нафар занҳо мебошанд. Аз ҷумла, 218 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 589 нафар маъюбони гурӯҳи дуюм, 47 нафар маъюбони гурӯҳи сеюм (асосан хонандагони Литсей-интернат), 450 нафар маъюбон аз кӯдакӣ, 196

нафар маъюбони бистарӣ ва боқӣ нафақахӯрон мебошанд. Шумораи фавтидагон дар ин давра 38 нафарро ташкил медиҳад, ки новобаста аз зиёд шудани шумораи бошандагон баробар ба соли гузашта мебошад. Ба бошандагони муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо зиёда аз 969 нафар кормандон хизмат мерасонанд. ***(ҷадвал замима мегардад).***

Соли 2012 бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сифати хӯрок, дар ин муассисаҳо бо дархости Агентӣ меъёри хӯроки бошандагон аз тарафи Пажӯҳишгоҳи «Ғизо» аз нав дида баромада шуд, ки мувофиқи он меъёри нон 0,50 кг, қанд 0,15 кг, маҳсулоти макаронӣ 0,30 кг, равған 0,10 кг ва сабзавот 0,50 кг зиёд карда шуд. Дар ин асос Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2012, № 3 дар бораи тасдиқи хароҷоти меъёрҳои маводи ғизоии якрӯзаи бошандагон дар муассисаҳои иҷтимоӣ тасдиқ гардида, ба ҳамаи муассисаҳо дастрас гардонида шуд. Тибқи фармоиши мазкур арзиши меъёри хӯрока барои муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои пиронсолону маъюбон 10,37 сомонӣ, беморони касалиҳои рӯҳӣ 10,48 сомонӣ ва барои кӯдакони маъюб 10,11 сомонӣ, Литсей интернати касбии махсуси маъюбон 12,23 сомонӣ, барои истироҳатгоҳҳо 12,30 сомонӣ ва барои осоишгоҳи Харангон 13,19 сомонӣ ба як нафар дар як шабонарӯзро дар бар гирифт, ки нисбат ба соли 2011 барои хона-интернатҳо 1,0 сомонӣ, барои хонандагони Литсей-интернат 1,5 сомонӣ ва барои осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо 2,0 сомонӣ зиёд аст. Ҳамзамон тибқи Фармоиши мазкур роҳбарони муассисаҳо вазифадор гардиданд, ки ҳамарӯза аз ҳисоби кӯмакҳои хайрия воридгардида иловатан то 20% барои маводи ғизоии бошандагон истифода баранд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи кормандони Агентӣ муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва истироҳатгоҳҳо борҳо мавриди санҷиш қарор дода шуданд. Санҷишҳо нишон доданд, ки дар фаъолияти баъзе муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва истироҳатгоҳҳо, аз қабили Литсей-интернат, хона-интернатҳои шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода, истироҳатгоҳи Ромит то ҳол камбудиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, меъёри хӯрока, додани меваҷот (100-150 гр.), ҳолати санитарӣ-гигиенӣ пурра риоя карда намешавад. Дар хона-интернатҳои Турсунзода ва Ваҳдат ба хизматрасонии иҷтимоию тиббии бошандагон диққати зарурӣ надода, корҳои фаҳмондадиҳӣ суст ба роҳ монда шудааст. Дар ҳамин радиф бояд қайд намуд, ки дар баробари камбудиҳо дар як қатор муассисаҳо пешравиҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла дар Муассисаи давлатии "Хона-интернати беморони касалиҳои рӯҳии ноҳияи Ҳисор" новобаста ба он ки хона-интернати беморони рӯҳӣ аст ва зиёда аз 70 нафар беморони бистарӣ дорад, хизматрасонии иҷтимоию тиббӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Бинои маъмурӣ, ҳаммом бо саъю кӯшиши роҳбарияти муассиса аз ҳисоби кӯмакҳои хайрия ва соҳибкорон сохта ба истифода дода шуда, ошхонаи муассиса таъмир карда шуда, бо таҷҳизоти замонавӣ ҷиҳозонида шуд. Ба бошандагон аз рӯи таомнома хӯрокҳои босифат дода мешаванд.

Маврид ба зикр аст, ки дар Муассисаи давлатии "Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони "Чорбоғ" шӯъбаи тавонбахшӣ соли дувум аст, ки фаъолият дошта, ба кӯдакони маъюб ба мӯҳлати 16 рӯз тавонбахшӣ расонида мешуд. Аз имкониятҳои дохилӣ истифода карда теъдоди кат-ҷойҳодар ин мкассиса аз 20 то 30 адад расонида шуданд. Ин имкон дод, ки ба ҷойи 320 нафар 540 нафар кӯдакони маъюб тавонбахшӣ гиранд, ки дар қиёс

нисбати соли гузашта 220 нафар зиёд мебошад. Инчунин дар ноҳияи Балҷувон сохтмони Маркази тавонбахшӣ ҷараён дорад, ки имсол як қисми он омода ва ба истифода дода шуд. Бинои навтаъсис иборат аз 30 ҳуҷраю толор ва даҳлез барои 20 нафар (10 нафар кӯдак бо мадаронашон) бо таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла таҷҳизоти тиббии муосир, муҷаҳҳаз мебошад. Барои истифодаи дурусти таҷҳизоти тиббӣ, хизматрасонии иҷтимоию тавонбахшӣ кормандони ин марказ дар Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ» таҷриба омӯхта, соҳиби малакаи касбӣ гардиданд. Тибқи Фармоиши Вазир маркази номбурда аз 18 июни соли 2012 ба фаъолият шурӯъ намуд. Дар мавсими имсола 60 нафар кӯдакон бо модаронашон дар марказ тавонбахшӣ гирифтанд. Дар маҷмӯъ соли 2012 дар марказҳои номбурда 660 нафар кӯдакони маъюб тавонбахшӣ гирифтанд.

Дар Муассисаи давлати “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон” бо филиалаш дар ноҳияи Рӯшон 285 нафар кӯдакони маъюб ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд, ки 235 нафари онҳо дар таъминоти пурраи давлат қарор доранд. Аз ин шумора 13 нафар маъюби гурӯҳи якум, 67 нафар маъюби гурӯҳи дуюм, 36 нафар маъюби гурӯҳи сеюм, 85 нафар маъюбон аз кӯдакӣ ва боқӣ ятимон мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар муассиса аз рӯи панҷ ихтисос: ҳисобдор, системаи компютерӣ ва интернет – технология, таъмиргари радио ва телевизор дӯзандагӣ, пойафзолдӯз касб меомӯхтанд. Аз моҳи сентябри соли равон омӯзиши касбҳои “Рӯзгордорӣ” ва “Таъмиргари яхдон ва асбобҳои маишӣ” ба роҳ монда шуд. Имсол Литсейро 122 нафар хонандагон хатм намуданд, ки аз ин теъдод 15 нафар кӯдакони маъюби болаёқат тибқи квотаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ дохил шуданд.

Хурсандиовар аст, ки дар ин давра дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ филиали Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон” барои 30 нафар касбомӯзон бо иштироки Ҷаноби Олӣ кушода ба истифода дода шуд. Ин имкон медиҳад, ки дар филиал хонандагон аз рӯи ихтисосҳои ҳисобдор, системаи компютерӣ ва интернет – технология, дӯзандагӣ касб омӯзанд. Мутобиқи басти вазифавӣ шумораи умумии кормандон 19 нафарро ташкил медиҳад. Ҷараёни таълиму тарбия тибқи реҷаи корӣ амалӣ мегардад, хонандагон се вақт бо хӯроки гарм таъмин буда, аз дигар ғамхориҳои давлат бархӯрдоранд.

Масъалаи зимистонгузаронӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ зери назорати ҳамарӯзаи Агентӣ қарор дорад. Дар муассисаҳо тамоми сол навбатдорӣ ба роҳ монда шуда, давраи мавсими зимистон пурзӯр карда мешавад. Ҳар моҳ ҳисоботҳои муассисаҳо оиди зимистонгузаронӣ ҷамъбаст гардида, ба Ситоди Вазорат пешниҳод карда мешаванд. Тибқи нақшаи талаботи муассисаҳо барои мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2012-2013 захираи маводи ғизоӣ ва сӯзишворӣ, пурра ба иҷро расонида шуда, аз моҳи ноябр истифодабарии он оғоз гардид.

Бояд қайд намуд, ки омодагӣ ба мавсими зимистон дар муассисаҳои давлатии хона- интернатҳо аз тарафи Комиссияи ҳукуматӣ санҷида шуда, хуб арзёби гардид.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда барои боз ҳам пурзӯр намудани назорат бобати пешгирӣ аз сӯхтор дар ин муассисаҳо тибқи фармоиши Вазир аз 5 декабри соли

2012 масъулини вазорат ва Агентӣ ба муассисаҳо вобаста карда шуда, оиди корҳои пешгирӣ аз ҳодисаҳои сар задани сӯхтор дар муассисаҳо чораҳои амалӣ андешида шудаанд. Бо назардошти гуфтаҳои боло аз тарафи Агентӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, хона-интернатҳои Восеъ, Ёвон, Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода ва Чорбоғ, инчунин истироҳатгоҳҳо санҷида шуданд. Айни ҳол муассисаҳо ба қадри зарурӣ бо лавозимоти лозимаи зидди сӯхтор таъмин буда, гурӯҳҳои ихтиёрии зиддисухторӣ таъсис дода шуда, мунтазам назорат бурда мешавад.

Дар соли 2012 ба муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо аз ҳисоби вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида, соҳибкорон ба маблағи **953383** сомонӣ, аз ҷумла маводи ғизоӣ ба маблағи 407246 сомонӣ, сару либос- 159973 сомонӣ, таҷҳизот-122586 сомонӣ, пули накд-39881 сомонӣ ва дигар маводҳо ба маблағи 223697сомонӣ кӯмакҳои хайрия ворид гардидааст. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2011 кӯмакҳои хайрия дар муассисаҳо ба миқдори 42114 сомонӣ (4,0 %) кам ворид гардидаанд.

Агентӣ дар ин давра нақшаи чорабиниҳоро ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашни байналмилалии Наврӯз, Иди Ғалаба, иди Ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ, 20-солагии Иҷлосияи **XVI** Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намуда, тибқи он ҷадвали иштирок ва табрикоти намояндагони Вазорат ва Агентиро дар ин чорабиниҳои муассисаҳои давлатӣ аз тарафи Вазир тасдиқ намуда, дастраси масъулин гардонд. Ҳамаи ҷашну маросимҳо дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо, истироҳатгоҳҳо ва марказҳои будубоши рӯзона дар доираи риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардиданд. Ҳамзамон, рӯзи 1 июни соли 2012 (Рӯзи байналмилалии муҳофизати кӯдакон) бо ташаббуси соҳибкорон дар ММТ “Чорбоғ” тӯи суннатии 30 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд дар сатҳи зарурӣ гузаронида шуд, ки падидаи нав дар сатҳи Вазорат аст.

Дар ҳамин радиф бахшида ба Рӯзи байналмилалии маъюбон, ки ҳамасола 3 декабр қайд карда мешавад, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббуси Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Кохи Ҷомӣ консерти хайриявии “Дунёи меҳр” баргузор гардид, ки дар он ҳунармандони шинохтаи ҷумҳурӣ баромад намуданд. Инчунин дар ҳамкории Телевизиони “Ҷаҳоннамо” ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират сабқати телевизионӣ (телемарафон) гузаронида шуд.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират фаъолияти се истироҳатгоҳ (Ромит, Дӯстӣ ва Биби Фотимаи Заҳро) ва як осоишгоҳро (Харангон) назорат менамояд.

Соли ҷорӣ роҳхатҳо дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №603 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таъмин намудани маъюбон бо табобати санаторӣ-курортӣ» ва ҷадвали тасдиқнамудаи Вазир оиди тақсимоти роҳхатҳо дастраси сохторҳои Агентӣ дар маҳал гардонида шуд.

Мавриди зикр аст, ки тибқи ҷадвали тасдиқшуда истироҳатгоҳҳои «Дӯстӣ» дар 8 баст (480 нафар), Ромит дар 7 баст (330 нафар), Осоишгоҳи Харангон дар 7 баст (440 нафар) ба муддати 18 рӯзӣ ва Истироҳатгоҳи «Биби Фотимаи Заҳро»-и ноҳияи Ишкошим бошад, дар 10 баст (650 нафар) ба муддати 12 рӯзӣ, ҷамъ 1900 нафар ниёзмандонро ба табобату истироҳат бояд фаро мегирифтанд.

Ҳамин тариқ, соли ҷорӣ 1926 нафар маъюбон ва собиқадорони ҷангу меҳнат ба истироҳату табобат фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла, аз ВМКБ 609 нафар, аз вилояти Хатлон 650 нафар, аз вилояти Суғд 16 нафар, аз шаҳри Душанбе 282 нафар ва аз НТМ 369 нафар, дар маҷмӯъ 1926 нафар табобату истироҳат намуданд, ки нисбати нақша 26 нафар, ё ба қадри 1,3 % зиёд мебошад ***(ҷадвал замима мегардад).***

Аз ин шумора маъюбону иштирокчиёни ҶБВ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда 208 нафар, маъюбони амалиётҳои ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо 120 нафар, иштирокчиён ва маъюбони садамаи Неругоҳи Барқию Атомии Чернобил 11 нафар, ва боқӣ 1587 нафар маъюбон ва собиқадорони ҷангу меҳнат мебошанд.

Осоишгоҳи Харангон, ки барои 300 нафар пешбинӣ гардида буд, имсол бо кушодани бинои нав шумораи кат-ҷой ба 450 адад расонида шуд. Бояд қайд кард, ки доираи қабули ниёзмандон ба осоишгоҳи Харангон каме маҳдуд аст, чунки ғайр аз маъюбону иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъюбон дар қаламрави дигар давлатҳо (50%) дигар гурӯҳи ниёзмандоро қабул карда наметавонад. Бо назардошти ин он оиди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарор пешиҳодҳо ирсол карда шудаанд.

Муассиса метавонад соли 2013 дар як давр 100 нафарро қабул намуда, шумораи ниёзмандонро ба табобату истироҳат то охири мавсим ба 700 нафар расонад.

Қабули ниёзмандон тариқи худмаблағгузорӣ низ соли равон бештар ба нақша гирифта шуда буд. Бояд қайд кард, ки муассисаҳои мазкур тибқи Оинномаи худ ҳуқуқ доранд, барои тақвияти заминаҳои модии фаъолияташон дар ҳар якдавр 20 %-и истироҳаткунандагонро тариқи худмаблағгузор ба роҳ монанд. Тибқи харҷномаи тасдиқшудаи роҳхатҳои пулакӣ барои муассисаҳо арзиши як шабонарӯзии он 35 сомонӣ муқаррар шудааст. Дар маҷмӯъ, барои 18 рӯзи истироҳат 630 сомонӣ ва барои 12 рӯзи истироҳат бошад 372 сомонӣ меъёрбандӣ гардидааст. Соли 2012 дар истироҳатгоҳҳо 735 нафар ниёзмандон тариқи худмаблағгузорӣ қабул карда шудаанд, ки маблағи он 211882 сомониро ташкил дода, нисбати соли гузашта 139 нафар ё ба қадри 36% зиёд мебошад. Аз ҷумла дар истироҳатгоҳи Дӯстӣ 384 нафар ба маблағи 139384 сомонӣ, дар истироҳатгоҳи Ромит 62 нафар ба маблағи 16146 сомонӣ, дар истироҳатгоҳи «Биби Фотимаи Заҳро» 113 нафар ба маблағи 8710 сомонӣ ва дар осоишгоҳи Харангон 176 нафар ба маблағи 47642 сомонӣ. ***(ҷадвал замима мегардад).***

Дар осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо аз рӯи зиёда аз 10 намуд, аз ҷумла, табобат бо обҳои табиӣ, табобати физиотерапевтии барқӣ, лойгузорӣ, парафин, озекрит, ванаҳои сиркулярӣ, маҳс, сӯзанзанӣ, шустушӯй бо обҳои бо алафи табиӣ ҷушондашуда ва ғайра хизмат расонида шуд. Аз ин рӯ сол то сол барои истироҳату табобат дар осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои тобеъи Агентӣ теъдоди хоҳишмандон зиёд шуда истода, фаъолияти муассисаҳои болозикр ва иҷрои қароҳо зери назорати доимии Агентӣ қарор доранд.

**2. Самти хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ.**

Мутобиқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти хизматарасониҳои иҷтимоӣ фаъолияти муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоиро, ки ба пиронсолону маъюбони яккаву танҳо, оилаҳои дар шароити душвори зиндагӣ қарор дошта

ва кӯдакони имконияташон маҳдуд хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, тавонбахшии ҷисмонӣ, тиббӣ, фарҳангӣ- фароғатӣ ва дар ин давра роҳбаладӣ менамоянд, ба низом медарорад.

Тавре, ки маълум аст, имрӯз дар радифи ислоҳоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии мамлакат, ташаккули шабакаҳои нави хизматрасонии иҷтимоӣ, хеле масъалаи муҳим мебошад. Аз ин рӯ, сол аз сол шумораи муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ рӯ ба афзоиш дорад. Агар то соли гузашта барои бархӯрдор гаштани пиронсолону маъюбон аз хизматрасонии иҷтимоӣ бевосита дар хонаҳояшон дар миқёси ҷумҳурӣ 37 адад шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият менамуданд, соли равон боз як шабакаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар ноҳияи Қабодиён таъсис дода шуда, шумораашон ба 38 адад расонида шуд.

Давоми сол 638 нафар кормандони шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ба 4776 нафар ниёзмандон ва оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта зиёда аз 20 намуди хизматҳои иҷтимоӣ, инчунин ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, намояндагӣ ва роҳнамоӣ расониданд.

Тайи ин муддат аз тарафи мутахассисони дастгоҳи марказии Агентӣ фаъолияти шӯъбаҳои шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон (ш. Қурғонтеппа, Сарбанд, н. Хуросон, Шаҳритус, Ҷ. Румӣ, Қумсангир, Қабодиён, Ҷиликул), НТҶ (ш. Ваҳдат, н. Рӯдакӣ) ва шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон ва Рошткалъаи ВМКБ дида баромада шуда, камбудиҳои зиёде ошкор гардиданд. Аз ҷумла, сохтор ва фаъолияти шӯъбаҳои навтаъсиси ноҳияҳои Шаҳритус ва Қабодиён ба талаботи Низомномаи шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ҷавобгӯ набуда, талаботи Низомномаи намунавӣ, ки бояд як корманди иҷтимоӣ ба 8-12 нафар дар шаҳру шаҳракҳо ва ба 4-6 нафар дар деҳот хизмат расонад, иҷро карда намешуд. Чунин камбудӣ дар фаъолияти шӯъбаи дар ноҳияи Хуросон амалкунанда низ ҷой дошт. Бо дахолати мутахассисони Раёсат дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолияти ин шӯъбаҳо ба низом дароварда шуд.

Ҳангоми санҷиши фаъолияти шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе маълум гашт, ки ҷиҳати ҷо ба ҷокунии кадрҳо талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намегардад. Ба баъзе кормандони иҷтимоӣ сарбории зиёдатӣ (1,5 воҳиди корӣ) яъне ба як корманди иҷтимоӣ 16- 18 нафар мизоҷон вобаста шуда буд, ки хилофи талаботи Низомномаи намунавӣ мебошад. Корманди иҷтимоӣ имконияти воқеъӣ ва ҷисмонии иҷроиши чунин хизматрасониро надорад. Кормандони алоҳидаи ин шӯъбаҳо хилофи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду муассиса ба қадри пурраи воҳиди корӣ фаъолият менамуданд.

Ҳангоми азназаргузаронии рӯзномаҳои кории кормандони иҷтимоӣ муайян карда шуд, ки ба ҷои мизоҷон дар рӯзномаҳо кормандони иҷтимоӣ худашон имзо мегузоранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки кормандони иҷтимоӣ мувофиқи талабот вазифаҳои худро иҷро накарда, дар рӯзномаҳо қайди рӯякӣ мекарданд. Ҳатто мизоҷоне пайдо шуданд, ки дар қайди шӯъба буданашонро намедонистанд ва иброз доштанд, ки ба онҳо касе хизмати иҷтимоӣ намерасонад.

Мувофиқи тавсияи мутахассисони Агентӣ кори шӯъбаҳои болозикр ба таври лозимӣ роҳандозӣ карда шуда, муносибати кормандони иҷтимоӣ нисбати адои вазифаашон ба таври мусбат дигар гардид. Ҷиҳати баланд бардоштани тахассуси кормандони иҷтимоии шӯъбаҳои боло зикр курси такмили ихтисос гузаронида шуд, ки дар он шунавандагон оид ба шаклҳои нави хизматрасонии иҷтимоӣ ва ҳамгироии иҷтимоии маъюбон маълумоти муфассал пайдо намуданд.

Ҷиҳати расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолони яккаву танҳо, одамони ғайри қобили меҳнат, ки ба худ ба таври пурра ё қисман хизмат расонида наметавонанд, кӯдакони имконияташон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта дар шаҳру ноҳияҳо 15 адад Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона амал менамоянд, ки ҷамъ 417 нафар кормандони маъмурию иҷтимоии ин муассисаҳо дар як даври қабул ба 1802 нафар муштариён хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, равонӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, маърифатӣ, миёнаравӣ-намояндагӣ мерасонанд. Нӯҳ адади ин марказҳо аз тарафи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва шаш адади он аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Аз ҷониби ин муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ давоми соли 2012 ба 2093 нафар мизоҷон хизмати иҷтимоӣ расонида шудааст.

Барои тавонбахшии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ба роҳбаладӣ ва тавонбахшии иҷтимоию тиббӣ ниёз доранд, таҳти сарпарастии Агентӣ панҷ адад марказҳои будубоши рӯзона фаъолият намуданд, ки ҳоло дар як даври қабул ба 385 нафар кӯдакони эҳтиёҷманд чорабиниҳои офиятбахшии иҷтимоӣ, солимгардонии ҷисмонӣ, равонӣ ва ҳампайвандӣ бо ҷомеъа гузаронида, онҳоро бо ғизои гарми мувозишуда таъмин менамоянд. Бояд қайд намуд, ки соли равон, тибқи тендери хариди хизматрасониҳои иҷтимоӣ маркази «Киштӣ»-и шаҳри Душанбе, ки самти фаъолияташ ба дахолати тавонбахшии барвақтии кӯдакони имконияташон маҳдуд равона шудааст, аз ҷониби Агентӣ маблағгузорӣ карда шуд. Инчунин, аз тарафи марказҳои хизматрасонии иҷтимоии «Одамият» (ш. Қӯрғонтеппа, н. Хуросон, н. А.Ҷомӣ), ки барои хизматрасонии пиронсолону маъюбон пешбинӣ шудаанд, ба таври таҷриба 51 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд ба тавонбахшии иҷтимоӣ дар хонаҳояшон фаро гирифта шуданд. Ҳамзамон, дар нимсолаи дуюм барои беист фаъолият намудан ба Маркази дахолати барвақтии кӯдакони имконияташон маҳдуд «Манбаи меҳр» дар шаҳри Хуҷанд, ки бо дасгирии «Оперейшн Мерси» фаъолият намуда истодааст, маблағи иловагӣ (22000 сомонӣ) ҷудо карда шуд.

Давоми соли ҳисоботӣ бо мақсади иҷрои Фармони Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2009, № 88 "Дар бораи иҷрои татбиқи Матрисаи тадбирҳо доир ба ислоҳоти бахши ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон" дар доираи Барномаи Иттиҳоди Аврупо" тибқи Фармоиши директори Агентӣ ду маротиба дар ин марказҳо санҷиш/мониторинг гузаронида шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳар як кӯдак новобаста аз маҳдудият ва вайроншавии фаъолияти ҷисмонияш тавони инкишоф ҷисму рӯҳ ва малакаҳои гуногуни ҳаётиро дорад. Аз ин рӯ, кӯдакон дар марказҳо дар шароити муносиб ва бехатари будубош қарор дошта, ба пешрафти ҷисмониву малакаҳои мавзуни

ҳаракат, зеҳниву рафтор, муошират ноил гашта, дар онҳо ҳиссиёти худшиносӣ ва худэҳтиромӣ, ҳампайвандӣ бо ҷомеъа бавуҷуд меояд. Кӯдакон дар доираи имконияташон ба худ хизмат расонида, ба зиндагии дар ҷомеъа омода мешаванд. Мавриди зикр аст, ки дар Маркази «Парасту»-и шаҳри Кӯлоб ба кӯдакон ба таври фардӣ савод омӯзонида мешавад. Дар Маркази «Ситора»-и ноҳия Восеъ наврасони имконияташон маҳдуд ба таълими касбҳои дӯзандагӣ ва кӯҳнадӯзӣ ҷалб шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тарзу усули корбарӣ дар ин марказҳо натиҷабахш буда, тайи 3 соли охир зиёда аз 100 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд барои таҳсил ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва 75 нафар ба боғчаҳои муқаррарӣ фиристода шуданд. Умуман, тайи давраи ҳисоботӣ марказҳои будубоши рӯзонаи тавонбахшӣ ба 676 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд хизмати офиятбахшию иҷтимоӣ расониданд. Аз ҷониби марказҳо 18 маротиба чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, 35 маротиба чорабиниҳо дар якҷоягӣ бо иштироки кӯдакони солим гузаронида шуда, кӯдаконро зиёда аз 50 маротиба ба ҷойҳои ҷамъиятӣ сафарбар намудаанд.

Ҷиҳати таблиғи фаъолияти марказҳои номбаршуда чор маротиба репортажҳои телевизионӣ сабт шуда, ба эфир бароварда шуд. Ҳамзамон, мутахассисони Агентӣ доир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба эҳтиёҷмандон ба воситаи радио ва телевизион зиёда аз даҳ маротиба баромад намуданд.

Маврид ба ёдоварист, ки бо вуҷуди он, ки дар марказҳо мутахассисон фаъолият дошта бошанд ҳам, аммо шумораашон кофӣ нест. Махсусан, мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои логопед ва сурдолог на дар ҳама марказҳо мерасанд.

Бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии ошпазҳои ин марказҳо аз тарафи Муассисаи давлатии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои Вазорат курси такмили ихтисос ташкил ва гузаронида шуд. Дар ин росто бояд қайд намуд, ки таркиби ғизо дар ҳама муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, аз ҷумла марказҳои будубоши рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд як хел набуд. Бинобар ҳамин, дар мувофиқа бо Пажуҳишгоҳи «Ғизо»-и Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин муассисаҳо меъёри ягонаи ғизо таҳия шуда, дастрас гардонида шуд.

Дар Марказҳои минтақавии барои пиронсолон ва маъюбон пешбинӣ шуда эҳтиёҷмандоне, ки ҷои зисти доимӣ надоранд, муваққатан ба мӯҳлати аз 3 то 6 моҳ бо ҷои зист ва хӯрок таъмин карда мешаванд. Ҳоло дар Марказҳои минтақавӣ барои пиронсолон ва маъюбон 94 нафар эҳтиёҷмандон ба таври доимӣ умр ба сар бурда, се маротиба бо хӯроки гарм таъмин карда мешаванд. Ба онҳо хизматҳои беҳдоштӣ низ расонида мешавад. Дар назди қисме аз ин марказҳо шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона амал намуда, ба 913 нафар эҳтиёҷмандон бевосита дар хонаҳояшон хизмати иҷтимоӣ расониданд.

Мақсад аз пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон аз он иборат аст, ки баҳри онҳо ҳаёти арзанда ва сазовор фароҳам оварда шавад, то мустақилона ва осуда ҳаёт ба сар баранд, бо усули роҳбаладии иҷтимоӣ ва агар зарур шавад бо тавонбахшии тиббиву иҷтимоӣ ба ҳаёт дар ҷомеъа мутобиқ шаванд. Ҳодисаҳое низ мушоҳида мегарданд, ки баъзе эҳтиёҷмандон муддатҳои тӯлонӣ дар ин марказҳо зиндагӣ доранд, ки хилофи қоидаҳои муқарраргардида мебошад. Бинобар ҳамин бо дахолати бевоситаи Раёсат 16

нафар бошандагони Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Душанбе дар ин муддат ба муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои пиронсолон ва маъюбони шаҳрҳои Турсунзода, Ёвон ва Ваҳдат ҷойгир карда шуда, кор дар ин самт таҳти назорати доимӣ қарор дорад.

**Кӯмакҳои иҷтимоӣ**

Ҷиҳати дастгирии маъюбон, шахсони яккаву танҳо, оилаҳои камбизоат, аз ҷумла таъмини онҳо бо воситаҳои техникии ҳаракат Агентӣ дар самти кӯмакҳои иҷтимоӣ тайи давраи ҳисоботи як қатор корҳоро ба сомон расонидааст. Барои аз наклиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан ба таври ройгон истифода намудан аз номи имтиёздорон ба бахш 187 дархост ворид гашт, ки ҳамаи онҳо баррасӣ гардида, тибқи меъёрҳои муқарраргардида мактуб омода шуда, ба муассисаҳои дахлдор, аз қабили Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳан»- и Тоҷикистон 72 адад ва ба Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» 115 адад ирсол карда шуд.

Барои татбиқи Матритсаи чорабиниҳои ислоҳоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ соли дуюм аст, ки низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон амал намуда истодааст. Соли 2012 дар шаҳри Истаравшан ба 4833 нафар ва дар ноҳияи Ёвон бошад ба 6353 нафар кӯмакпулӣ тайин гардид. Аз ҷумлаи бархӯрдоршудагони шаҳри Истаравшан 1064 нафар пиронсолону шахсони яккаву танҳо, 1153 нафар маъюбон ва боқӣ оилаҳои камбизоат мебошанд. Дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон бошад аз ҷумлаи бархӯрдоршудагони кӯмаки унвонии иҷтимоӣ 226 нафар маъюбон, 971 нафар пиронсолону шахсони яккаву танҳо ва боқимондаро оилаҳои камбизоат ташкил медиҳанд. Дар соли 2012 аз кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ҷамъулҷамъ 11186 оила бархӯрдор гаштанд. Дар ин муддат ба Агентӣ барои расонидани кӯмакҳои моддиву молиявӣ аз ҷониби шаҳрвандон 500 ариза ворид гаштааст, ки аз ин шумора 480 нафар муроҷиаткунандагон ба Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, ба 20 адад аризаи дигар ҷавобҳои муфассал гардонида шуд.

Бояд гуфт, ки дар системаи Агентӣ КВД «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» бо филиалҳояш дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ ва Хуҷанд фаъолият менамояд. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти корхона бо филиалҳояш дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ ва Хуҷанд ин таъмин намудани иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони Армияи Шӯравӣ, ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни барҳамдодани оқибатҳои садамаи нерӯгоҳи барқӣ – атомии Чернобил, пиронсолону маъюбон ва бошандагони хона - интернатҳои зертобеи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират бо дасту пойҳои сунъӣ, ортезҳо, пойафзолҳои махсуси ортопедӣ, камарбанд, ғуддаи сина, асо, асобағал, аробачаи маъюбӣ мебошад. Чунин хизматрасонӣ аз бисёр ҷиҳат ба маъюбон фоидабахш буда барои барқарор кардани қобилияти корию иҷтимоии онҳо аҳамияти калон дорад.

Аз тарафи муассисаи болозикр маъюбони эҳтиёҷманд дар ин давра бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ, аробачаҳои маъюбӣ, асо ва асобағал таъмин карда шудаанд. Аз ҷумла, дар асоси Дастуруламал оид ба тартиб ва тақсимоти воситаҳои техникӣ- ҳаракаткунӣ дар соли 2012-ум ба

маъюбони эҳтиёҷманд 824 адад аробачаи маъюбӣ, аз ҷумла 700 адад бо ҷадвали тақсимоте, ки аз тарафи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда буд ва 124 адади дигар ба таври истисно, ки бевосита барои дастрас намудани аробачаи маъюбӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентӣ муроҷиат намуда буданд тақсим карда шуд. Ҳамзамон, тайи соли сипаришуда аз тарафи сехи истеҳсоли аробачаҳои маъюбӣ дар ноҳияи Вахш бо кӯмаку дастгирии Ассотсиатсияи кӯмак ва дастгирии Ҷопон 103 нафар эҳтиёҷмандон аз шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Сарбанд ноҳияҳои Вахшу Бохтари вилояти Хатлон, шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва Рӯдакӣ аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба таври инфиродӣ бо аробачаҳои маъюбии фардӣ таъмин гаштанд. Ҳаминтавр давоми соли сипаригашта дар маҷмӯъ 927 нафар маъюбон бо аробачаи маъюбӣ таъмин карда шуданд. Дар ҳамин росто 8513 адад асо, 1054 адад асо барои нобиноён, 2061 ҷуфт асобағал ва 4 адад ходунок дастраси эҳтиёҷмандон гардонида шуд.

Дар Корхонаи воҳиди давлатии заводҳои протезию ортопедӣ ҳамагӣ 88 нафар коргар кор мекунад, ки аксарияти онҳоро маъюбон ташкил менамоянд, ки ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб гардида, дар навбати худ бо меҳнаташон ба маъюбони дигар кӯмакҳои гуногуни иҷтимоӣ мерасонанд.

Бояд зикр намуд, ки иҷрои нақшаи истеҳсолии корхона дар якҷоягӣ бо филиалҳояш дар соли 2012 102 фоиз иҷро гаштааст, яъне ба маблағи 2087183-00 сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст.

**Аз ҷумла маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхона:**

**-ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ _ 86 нафар;**
**-ба маъюбони айёми кӯдакӣ _ 2450 нафар;**
**-ба маъюбони касалиҳои умумӣ - 4038 нафар;**
**-ба маъюбони Армияи Шӯравӣ _56 нафар;**
**-ба нобиноён _198 нафар;**
**-ба маъюбони меҳнат _24 нафар;**

Маъюбоне, ки дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои наздик зиндагӣ мекунанд, маҳсулоти заруриашонро худашон аз корхона мегиранд. Шахсоне, ки дар ноҳияҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, дархостҳои онҳо тавассути шӯъбаҳои алоқа дастрас гардонида мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки ҳамаи хизматрасонӣ бо тариқи ройгон (бепул) сурат мегирад. Маъюбоне, ки барои тайёр намудани протез ва ё дигар маҳсулоти протезӣ аз ноҳияҳои дурдаст меоянд бо ҷойи хоб ва се вақт хӯроки гарм таъмин гардида, роҳкирои онҳо пардохт карда мешавад.

Доираи таъминкунии маъюбон бо маҳсулоти протезию ортопедӣ дар соли 2012 22011 нафарро ташкил медиҳад.

Ҷоиз ба зикр аст, ки барои беҳбуди кор дар фаъолияти зерсохторҳои Агентӣ дар самти ҳифзи иҷтимоӣ бо фармоиши директори Агентӣ тайи давраи ҳисоботи аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказии Агентӣ барои ҳайати роҳбарикунанда ва мутахассисони мақомоти Агентӣ дар шаҳри Душанбе, ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуд.

Ҳамчунин бо фармоиши директори Агентӣ дар Раёсат ва шӯъбаҳои Агентии дар маҳалбуда кормандон барои пешбурди кор дар ин самт вобаста шуданд. Аммо ба ин нигоҳ накарда Агентиҳои дар маҳалбуда фаъолияти

худро дар ин росто ба таври бояду шояд ба роҳ намонданд. Мутаассифона то кунун арзу шикоятҳои ниёзмандон ҷиҳати дастрасгардонии воситаҳои техникии ҳаракат ва маснуотҳои протезӣ ортопедӣ зиёд аст. Аз ҷониби Агентӣ ба сохторҳои зертобеъ барқияномаҳо 8 июни соли 2012 № 1.4.3/1086, 19 сентябри соли 2012 № 1.4.3/1767 ва 27 ноябри соли 2012 №1.4.2/2186 ҷиҳати пешниҳод намудани эҳтиёҷоти маъюбон бо маснуоти протезиву ортопедӣ ва дигар воситаҳои ҳаракат ирсол шуда бошад ҳам, дар мӯҳлати муайяншуда яз ягон зерсохтор дархост ворид нашуд. Хусусан дархостҳоро оиди маҳсулоти протезӣ ортопедӣ, аз ҷумла пойафзолҳои ортопедӣ Агентиҳои вилоятҳои Суғд, ВМКБ, шаҳри Душанбе, Раёсату шӯъбаҳои Агентиҳо дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ба таври лозима пешниҳод накарданд, ки сари вақт омода намудани нақшаи истеҳсолии КВД "Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе"- ро барои соли 2013 пешнибӣ намуда ба роҳбарияти Агентӣ пешниҳод намояд.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

Агентӣ дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар соли 2012 фаъолиятро дар доираи ҳуҷҷатҳои Стратегӣ ва барномавии соҳа, аз ҷумла Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012, Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 ва дастуру ҳидоятҳо аз Паёми Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 ба роҳ монда, дар татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, минҷумла мусоидат ба шуғли аҳолии Тоҷикистон ба дастовардҳои муайян ноил гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар доираи ҳуҷҷатҳои болозикр ва нақшаи чорабиниҳои таҳияшуда пас аз боздиди Президенти кишвар аз Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» ва Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорат» корҳои зерин ба иҷро расиданд:

- Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 2012, №67 "Нақша чорабиниҳо оид ба дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 15 марти соли 2012 дар маросими ифтитоҳи Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" баён доштанд";
- Фармоиши директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 25 июли соли 2012, №37 "Дар бораи таъсис додани намояндагиҳои марказҳои таълими касбии системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират";
- Фармоиши директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 1 августи соли 2012, №41 "Дар бораи таъсис додани намояндагиҳои Корхонати воҳиди давлатии "Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд" ба тавсиб расиданд.

Феълан теъдоди умумии муассисаҳои таълими касбии системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират бо назардошти филиал ва намояндагиҳои таъсисдодашуда ба 70 адад расид, ки аз ин шумора 29 адад

марказҳои таълимӣ ва филиалҳои онҳо ва 41 адад намояндагиҳои ин марказҳо мебошанд.

**Ғайр аз ин дар ҳамин давра:**

- санаи 7 июни соли 2012 дар филиали Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар шаҳри Кӯлоб Сехи таъмир ва ташхиси автомобилҳои хориҷӣ бо иштироки Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуд;

- таърихи 21 июн бошад, Сехи заргарӣ тибқи дархости Корхонаи фардии “Заргарии Данғара”-и Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд, ки феълан 20 нафар ба омӯзиши ин касб ҷалб шудаанд. Дар маросими ифтитоҳи ин чорабинӣ низ Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дошт;

- санаи 5 сентябри соли 2012 дар Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази таълимии шаҳри Душанбе” як сехи дӯзандагӣ барои ҷавондухтарон ва хатмкунандагони Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъсис дода шуд, ки алҳол дар он 30 нафар духтарон ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд;

- инчунин бо мақсади таъсис додани филиали Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ноҳияи Рӯшон бо қарори Раиси ВМКБ аз 10 августи соли 2012, №16 қисме аз бинои собиқ Интернати ятимону бепарасторони ноҳияи Рӯшон ба тавозуни Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират гузаронида шуд.

Мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2012, №АП-1995 барои таъмир ва таҷҳизонидани ин муассиса аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 400 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид ва дар моҳи сентябри соли ҷорӣ корҳои сохтмону таъмир ба итмом расида, санаи 18 сентябри соли 2012 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муассиса мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дар он 450 нафар ҷавонписарону ҷавондухтарони имконияти ҷисмониашон маҳдуд ба таълиму тарбия ва табобат фаро гирифта мешаванд;

- бо қарори Раиси ВМКБ аз 1 феврали соли 2012, №19 чор утоқи кории Боғчаи бачагонаи №5 шаҳри Хоруғ ба тавозуни Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дода шуд ва дар ин замина як Сехи дӯзандагӣ барои занону духтарони маъюби гурӯҳи 1 таъсис дода шуд. Барои ҷиҳозонидани ин сех аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 50 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид ва ин сех аз 15 октябри соли 2012 ба фаъолият шурӯъ намуд;

- илова ба ин, бо мақсади иҷрои дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар аз Паёми навбати ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 вазорат Созишномаҳои ҳамкориро бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 2012 ва Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 майи ҳамин сол ба тавсиб расонид.

Мувофиқи ин Созишномаҳо ҳамкории мутақобилан судманд дар самти ба тайёрии касбӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ фаро гирифтани шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар баробари ин, дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби раёсат ду лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ду лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи вазорат, мутаносибан ду ва чор лоиҳаи Фармоишҳои Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират таҳия гардиданд, ки ҳамаи ин лоиҳаҳо дастгирӣ ёфта, қарору фармонҳои дахлдор ба тасвиб расиданд.

**Дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳои болозикр муяссар гардид, ки давоми соли ҳисоботӣ аз рӯи 6 самти асосӣ: 1) таъсиси ҷойҳои нави корӣ; 2) миёнаравӣ дар бозори меҳнат; 3) тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон; 4) дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон; 5) ташкили корҳои ҷамъиятии музднок ва 6) таъин ва пардохти кӯмакпулӣ барои бекорон иҷрои нишондиҳандаҳои барномаро ба андозаи 122,6 фоиз таъмин намуд.**

**Дар давраи мадди назар дар маҷмӯъ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 105244 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки 63540 нафари онҳо ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба 42566 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмӯъ 35374 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Аз ҷумла, ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 2771 нафар ва тавассути ташкили корҳои фардӣ 3765 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Дар асоси 198 шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 5283 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 12981 нафар дар марказҳои таълими касбии мақомоти шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд. Ба 8140 нафар бинобар аз даст додани ҷойи кор ба муддати то 3 моҳ кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт гардид. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ дар ин муддат 132251 ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст. Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ дар ин давра 627 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 5416 нафар корҷӯён дар ин ярмаркаҳо соҳиби ҷойи кор гардиданд, ба 3260 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 984 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардиданд. Бевосита тавассути ташкил ва баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 9660 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯён ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд (маълумот замима мегардад).**

**Вазъи бозори меҳнат.**

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи октябри соли 2012-ум 2183,2 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин теъдод 2128,0 ҳазор нафар (97,5 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул буда, 55,2 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ гирифтаанд, ки 2,5 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии машғули кор бошад, аз 2102,2 ҳазор нафар дар моҳи декабри соли 2011 то 2128,0 ҳазор нафар дар моҳи октябри соли 2012 афзоиш ёфтааст, ки сатҳи шуғлнокии аҳолӣ дар давраи мадди назар 1,2 фоиз зиёд шудааст.

Аз шумораи умумии аҳолии машғули кор шахсони дар рӯйхатбудаи кироякор дар корхонаҳои ҳама намуди моликият дар моҳи октябри соли 2012-ум 1044,0 ҳазор нафар ё 49,1 фоизи шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод.

Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар бахши воқеии иқтисод дар моҳи октябри соли 2012 нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум 0,6 фоиз кам шуда, 615,6 ҳазор нафарро ташкил намуд ва аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши хизматрасонӣ бошад, 2,8 фоиз зиёд шуда, 428,4 ҳазор нафарро ташкил дод.

Ҳамзамон қайд намудан ҷоиз аст, ки дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ ғайр аз кормандони расмӣ (штатӣ) қувваи корӣ дар шароити дуҷоякорӣ ва дар асоси қарордоду шартномаҳои хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта истифода бурда мешавад. Дар моҳи октябри соли 2012 дар ин шароит 30,2 ҳазор нафар кор кардааст, ки ин 2,9 фоизи шумораи ҷойҳои ишғолшудаи кориро ташкил медиҳад.

Теъдоди кормандоне, ки дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордод дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ кор мекунанд аз 30,5 ҳазор нафар дар моҳи декабри соли 2011 то 30,2 ҳазор нафар дар моҳи октябри соли 2012 коҳиш ёфтааст.

Шумораи кормандони дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта коркунанда дар бахши воқеии фаъолияти иқтисодӣ дар моҳи октябри соли 2012-ум 5704 нафар ва дар бахши хизматрасонӣ 24466 нафарро ташкил намуд.

Дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ охири моҳи октябри соли 2012-ум 76,8 ҳазор нафар корҷӯён бо назардошти корҷӯёни соли 2011 мавҷуд буд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 фоиз ва нисбат ба моҳи сентябри соли 2012-ум 0,8 фоиз зиёд мебошад. Танҳо дар моҳи октябри соли 2012 бошад, ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 4,3 ҳазор нафар корҷӯён барои пайдо кардани ҷойи кор муроҷиат намуданд, ки ин дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2011-ум 2,7 фоиз зиёд буда, 2,1 ҳазор нафар бекорон ба кор таъмин карда шудаанд.

Ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ аз ҷониби ташкилоту муассиса ва корхонаҳо дар моҳи октябри соли 2012-ум 12,0 ҳазор ҷойҳои кории холӣ пешниҳод шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум 1,0 фоиз зиёд мебошад. Аз рӯи касбҳои коргарӣ бошад ин нишондиҳанда 17,2 фоиз зиёд шуда, 5,3 ҳазор ҷойро ташкил намуд (44,4 фоизи шумораи умумии ҷойҳои кории холӣ). Шумораи ҷойҳои холии кори арзшуда нисбат ба моҳи сетябри соли 2012-ум 1,5 фоиз зиёд шудааст. Талабот ба ҳар як ҷойи кори холии пешниҳодшуда 6,4 нафарро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2011-ум 6,3 нафарро ташкил медод.

Дар охири моҳи октябри соли 2012 шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 55,2 ҳазор нафарро ташкил намуд. Аз ин теъдод 28,6 ҳазор нафарро занҳо (51,9%) ташкил намуданд ва сатҳи бекории расмӣ 2,5 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил дод.

**Таъсиси ҷойҳои нави корӣ.**

Мувофиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 таъсис додани 121351 ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ шудааст.

Дар соли ҷорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар миқёси ҷумҳурӣ 132251 адад ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд, ки 109 фоизро аз дурнамои барнома ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар ВМКБ- 7263 ҷой, вилояти Хатлон – 42619,

Суғд – 38099, шаҳри Душанбе – 22104, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 22166 ҷойҳои нави кори таъсис дода шудааст.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт дар давраи ҳисоботӣ дар соҳаи сохтмон - 18627, саноат - 8745, кишоварзӣ -33088, нақлиёт ва алоқа - 2830, савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ -45184, дигар соҳаҳо – 18995 ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 4781 ҷойҳои корӣ таъсис ёфтаанд.

Таҳлили раванди таъсиси ҷойҳои корӣ вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт нишон медиҳад, ки теъдоди аксари ҷойҳои корӣ ба соҳаи кишоварзӣ (25,0%), савдо, хӯроки умумӣ ва таъминоти моддию техникӣ (34,2 фоиз), сохтмон (14,1 фоиз) рост меояд.

Аз рӯи шакли моликият таъсиси ҷойҳои кории нав дар корхонаю ташкилотҳои бахши давлатӣ – 12683 адад (9,6%), бахши коллективӣ - 20846 (15,8%), дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият – 20178 (15,2%) ва дар сектори хусусӣ - 78544 ададро (59,4%) ташкил медиҳад. Тавре аз рақамҳо бармеояд 59,4 фоизи ҷойҳои кории навтаъсис ба сектори хусусӣ тааллуқ доранд, ки ин ҳолат аз рушди соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳад.

Боиси таассуф аст, ки то ҳол аз ҷониби ташкилоту муассиса ва корхонаҳо маълумот оид ба хусусияти ҷойҳои корӣ тибқи шаклҳои ҳисоботи омори соҳавии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, ки бо қарори Ҳайати мушовараи вазорат аз 23 феврали соли 2012, №5 тасдиқ шудаанд, пешниҳод намешавад.

Аз ин хотир, хеле муҳим аст, ки бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоён ва Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дар сатҳи вазорат нишасти алоҳида доир гардад ва ин масъала мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

**Миёнаравӣ дар бозори меҳнат ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ.**

Тайи давраи ҳисоботӣ дар маҷмӯъ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 105244 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд.

Аз шумораи муроҷиатнамудагон 63540 нафар ҳамчун корҷуй ба қайд гирифта шуда, ба 42566 нафари онҳо расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тайи давраи ҳисоботӣ 35374 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин нишондиҳанда 112,5 фоизи дурнамои барномаро ташкил медиҳад.

Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ давоми соли ҷорӣ 2771 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд, ки ин ба 116,3 фоизи нақшаи солонаи барнома баробар аст.

Аз ҷумла тавассути ҷойҳои кории бандшуда дар ВМКБ 263 нафар, дар вилояти Хатлон 764 нафар, дар вилояти Суғд 608 нафар, дар шаҳри Душанбе 350 нафар ва дар шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 786 нафар дар чунин ҷойҳои корӣ бо кор таъмин шуданд. Аз теъдоди умумии шаҳрвандоне, ки дар ҷойҳои кории бандшуда ба ҷойи кор таъмин шудаанд 1200 нафарро занон (43,3%) ташкил медиҳанд.

Таҳлили раванди бокортаъминшавӣ дар ҷойҳои кории бандшуда нишон медиҳад, ки дар чунин ҷойҳои корӣ 174 нафарро маъюбон, 411 шахсони аз Қувваҳои мусаллаҳ озодшуда, 191 шахсони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ ва

муассисаҳои табобати маҷбурӣ ҷавобшуда, 311 нафарро волидони яккаву танҳо ва инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва маъюб доранд, 671 нафар волидоне, ки бештар аз 5 кӯдаки ноболоғ доранд, 81 нафар шахсони то синни 18 сола, ки бо сабаби вафоти волидайнашон ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба ӯҳда доранд, 63 нафар шаҳрвандоне, ки барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст, 832 нафар шаҳрвандони то синни 18 сола ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристонида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Дар фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба ҳайси яке аз чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғл нақши муҳим дорад.

Аз ин хотир, аз оғози соли ҷорӣ Нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани ярмаркаҳои соҳавӣ ва минтақавии ҷойҳои кории холӣ аз ҷониби Агентӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд.

Мувофиқи нақшаи болозикр аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо 627 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуд, ки аз ин теъдод 21 адад ярмаркаҳои соҳавӣ мебошанд ва иҷрои ин чорабиниҳо нисбат ба нақшаи барнома 152,9 фоизро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, дар ВМКБ 47 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ, вилояти Суғд 164, вилояти Хатлон 300, шаҳри Душанбе 25 ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 91 чунин чорабиниҳо ташкил ва баргузор гардиданд. Дар ин ярмаркаҳо 7324 корхонаю муассисаҳо иштирок намуда, ба корҷӯён ҷойҳои кории холиро пешниҳод намуданд. Дар натиҷаи баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ 7974 нафар шаҳрвандон ба ҷои кор роҳхат гирифта, аз ин шумора 5416 нафар бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд (67,9%). Аз бокортаъминшудагон тавассути ярмаркаҳо 1818 нафарро занон (33,6%) ва 1875 нафарро ҷавонон (34,6%) ташкил медиҳанд.

Илова ба ин, тавассути ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ 3260 нафар шаҳрвандон роҳхат барои касбомӯзӣ ва 984 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок гирифтанд. Дар маҷмӯъ тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ дар давраи баррасишаванда 9660 нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ пешниҳоди маълумот аз ҷониби корфармоён оид ба ҷойҳои кори холии мавҷуда нақши муҳим дорад. Дар охири моҳи декабри соли ҷорӣ аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳо ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 11973 адад ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд.

Тавре аз нишондиҳандаҳо бармеояд музди миёнаи меҳнати аз ҳама баланд ба соҳаи сохтмон (526 сомонӣ) рост меояд. Дар дигар ҳама соҳаҳо музди миёнаи меҳнат дар ҳудуди аз 190 то 450 сомонӣ ҷойгир аст, ки қобили таваҷҷӯҳи корҷӯён нест ва маҳз аз ҳамин сабаб ҳар моҳ ба ҳисоби миёна то 10,0 ҳазор ҷойҳои кории холӣ банд намешаванд.

Ба таври дигар, қисми зиёди ҷойҳои кории холӣ, ки ба ярмаркаҳо пешниҳод мешаванд, маоши арзанда надоранд ва аз ин хотир ҷойҳои корӣ дар соҳаи тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ҳатто саноат банд намешаванд. Дар навбати худ чунин вазъ омили асосӣ дар афзоиши дуҷоякорӣ, яъне дар якуним

ва ду баст кор кардани кормандони ин соҳаҳо мегардад, ки дар натиҷа ба сатҳи шуғлнокии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Бо назардошти вазъи мавҷуда мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷиҳати васеъ гардонидани доираи имкониятҳо ва тавассути ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ бо кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор, иттилоотонии онҳо мунтазам тадбирҳо меандешад.

Ҳамин аст, ки санаи 4 декабри соли 2012 миёни Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва Иттиҳодияи Ҷамъиятии "Уральский дом"-и шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия шартномаи ҳамкорӣ оид ба мубодилаи иттилоот оид ба ҷойҳои кории холии мавҷуда дар корхонаҳои Россия ба имзо расид. Ин иқдом имконият фароҳам меорад, ки тавассути ҷойгир намудани маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ дар сомонаи «Махзани миллии маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ» дастраси корҷӯён карда шавад ва минбаъд низ дар ин самт тадбирҳо амалӣ мешаванд.

**Дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон**.

Фаъолият дар самти дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд» ва нишондиҳандаҳои «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2013» амалӣ мегардад.

Давоми соли 2012 дар заминаи қарорҳои болозикр ва нишондодҳои Барнома, ки масъалаҳои дастгирии шаҳрвандони бекорро ҷиҳати ташкили корҳои фардӣ танзим менамоянд ба 3765 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 11671541 сомонӣ ё худ ба ҳар як шаҳрванд дар миқёси ҷумҳурӣ ба андозаи 77,5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо қарзҳо пардохт гардид, ки ин нишондод 125,5 фоизи иҷроиши нақшаи солонаи Барномаро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла тавассути раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ дар ВМКБ ба 734 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 1 миллиону 895 ҳазору 253 сомонӣ, дар вилояти Суғд ба 1024 нафар дар ҳаҷми 2 миллиону 846 ҳазору 006 сомонӣ, дар вилояти Хатлон ба 942 нафар шаҳрвандони бекор 3 миллиону 119 ҳазору 202 сомонӣ, дар шаҳри Душанбе ба 216 нафар ба маблағӣ 895 ҳазору 300 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 849 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 2 миллиону 915 ҳазору 780 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ қарзҳои хурди имтиёзнок таъин ва пардохт шуд.

Бояд тазаккур дод, ки раванди дастгирии молиявии шаҳрвандони бекор дар рушди соҳибкорӣ тамоюли устуворӣ рушд дорад ва ҳамасола чӣ аз рӯи теъдод ва чӣ аз ҳаҷми маблағгузорӣ афзоиш меёбад.

Агар дар соли 2006 барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар як шаҳрванд 896 сомонӣ қарзи имтиёзнок пардохт шуда бошад, пас ин нишондод дар соли 2012 ба 3100 сомонӣ расонида шуд, ки ин нисбати ҳамин давраи соли 2006-ум 3,5 баробар зиёд мебошад.

Омили мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки талабот ба ин хизматрасонӣ аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ рӯзафзун аст ва шаҳрвандони бекор барои истифода аз ин қарзҳо талош доранд.

Дар ҳамин радиф қайд намудан ҷоиз аст, ки шаҳрвандони бекор зимни бархӯрдор шудан аз ин қарзҳои имтиёзнок асосан ба фаъолияти тиҷоратӣ, хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва истеҳсолот машғул мешаванд.

Феълан, тавассути қарзҳои имтиёзноки пардохтгардида дар бахши истеҳсолӣ 1895 нафар шаҳрвандон, дар бахши тиҷоратӣ 1272 нафар ва дар бахши хизматрасонӣ ба аҳолӣ бошад 598 нафар шаҳрвандон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд, ки мутаносибан ба бахши истеҳсолӣ 5 870 785 сомонӣ, тиҷоратӣ 3 944 981 сомонӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ бошад 1 855 775 сомонӣ қарзи имтиёзнок равона гардидааст.

Таҳлили маҷмӯии қарзҳои имтиёзноки ба шаҳрвандони бекор пардохтгардида нишон медиҳад, ки 33,8 фоизи шаҳрвандон ба фаъолияти тиҷоратӣ, 15,9 фоиз ба фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва 50,3 фоизи дигар ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул мебошанд.

Дар ин самти фаъолият ба дастгирии ташаббуси соҳибкории занону ҷавонон низ аҳамият дода шуда, давоми соли равон ба 1626 нафар занон дар ҳаҷми 5 миллиону 042 ҳазору 106 сомонӣ ва ба 1336 нафар ҷавонони бекор барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ 4 миллиону 143 ҳазору 397 сомонӣ қарзҳои хурди имтиёзнок дода шудааст.

Ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса ба соли 2006 аз ҳисоби занон 775 нафар ва аз ҳисоби ҷавонон 617 нафар зиёд буда, мутаносибан ҳаҷми маблағи қарзи имтиёзноки дар ин давра ба занону ҷавонон пардохтгардида ба андозаи 4 миллиону 185 ҳазору 972 сомонӣ ва 3 миллиону 419 ҳазору 460 сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Самаранокии истифодаи қарзҳои имтиёзнок, ки ба шаҳрвандони бекор пардохт мешаванд пеш аз ҳама ба саривақт бозгардонидани онҳо қаробат дорад, зеро аз ҳисоби маблағҳои бозгаштшуда ба дигар бекорон низ қарзҳои имтиёзнок таъин ва пардохт мешавад.

Дар ҳамин радиф қайд намудан ҷоиз аст, ки ҷараёни бозгашти маблағҳои қарзӣ бо ҳисоби миёна дар як рӯз 32 971 сомониро ташкил дода, ба ҳолати 20 декабри соли 2012 бинобар сабаби ба охир расидани мӯҳлати шартномаҳои қарзӣ 9 миллиону 587 ҳазору 589 сомонӣ аз ҷониби шаҳрвандон баргардонида шуд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2008- ум 7 миллиону 221 ҳазору 846 сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давом, тавассути раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ дар ВМКБ 1 миллиону 669 ҳазору 696 сомонӣ, дар вилояти Суғд 2 миллиону 343 ҳазору 192 сомонӣ, вилояти Хатлон 2 миллиону 458 ҳазору 429 сомонӣ, шаҳри Душанбе 705 ҳазору 131 сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад, 2 миллиону 411 ҳазору 141 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок баргадонида шуданд.

Новобаста аз ин, бо сабаби дар гардиш будани маблағҳои қарзӣ ва мунтазам ба охир расидани мӯҳлати бозгашти ин қарзҳо раванди бозгашти онҳо хусусияти тағийрёбанда дорад. Ба тaври дигар як муддат андозаи ин қарзҳо кам шуда, бинобар сабаби фаро расидани мӯҳлати бозгашти қарз аз

ҷониби дигар шаҳрвандон, андозаи қарзҳои саривақт бозгаштнашуда боз меафзояд.

Феълан ҳаҷми маблағҳои қарзие, ки саривақт баргардонида нашудаанд дар миқёси ҷумҳурӣ 296 ҳазору 409 сомонӣ ё худ 2,1 фоизи ҳаҷми умумии сандуқи қарзиро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, маблағҳои қарзии саривақт бозгаштнашуда дар раёсат ва шӯъбаҳои агентӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд 10 800 сомонӣ, Хоруғ 23 040 ва Турсунзода 11 190 сомонӣ ноҳияҳои, Ванҷ 10 160 сомонӣ, Роштқалъа 22 658 сомонӣ, Дарвоз 65 130 сомонӣ, Ҷиликул 11 300 сомонӣ, Панҷ 11 875 сомонӣ, Шаҳритус 11 110 сомонӣ, Н. Хусрав 14 444 сомонӣ, Шоҳмансур 29 935 сомонӣ ва Сино 19 200 сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли ҷорӣ аз ҷониби кормандони раёсат фаъолияти 34 раёсату шӯъбаҳои агентӣ дар ВМКБ вилоятҳои Суғд ва Хатлон дар самти пардохт ва бозгашти қарзҳои имтиёзнок ва истифодабарии мақсадноки ин маблағҳо мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Маълум гардид, ки дар фаъолияти молиявии раёсат ва шӯъбаҳои агентӣ дар ноҳияи Шаҳритуз дар ин давом ба камбудиҳо роҳ дода шуда, талаботи фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000, №157 “Низомномаи пешбурди ҳисоби муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ” ва фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2004, №159 “Дар бораи даромад ва хароҷоти буҷетӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон” риоя карда нашудааст ва боз ба ғайримақсад истифодабарии маблағҳои буҷетӣ роҳ дода шудааст.

Ғайр аз ин механизми ба расмиятдарории амволӣ гарав дар аксарияти раёсат ва шӯъбаҳо бар хилофи санадҳои меъёрии ҷорӣ ба роҳ монда шудааст.

Дигар масъалае, ки имрӯз боиси ташвиш ва нигаронӣ аст, ин пешниҳоди ҳисоботи ҳархела ё мувофиқа нашуда ба дастгоҳи марказии агентӣ мебошад.

Дар аксар ҳолатҳо, ҳисобот оиди дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди соҳибкорӣ бо рақамҳои гуногун ва фарқиятҳои молиявӣ пешниҳод мешавад.

Масалан, чунин ҳолат дар раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ дар ноҳияҳои Зафаробод, Айнӣ, Ҷ. Расулов ва Шаҳритус ошкор карда шуд, ки ин аз бемасъулиятии сардорони раёсат ва шӯъбаҳои агентии болозикр ҳини таъин ва пардохти қарзҳои имтиёзнок дарак медиҳад.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба ин самти фаъолият аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират Нақша чорабинӣ барои соли 2013 ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиши васеъ, тавассути ташкилу баргузории семинару машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ таҳия гардид.

Ҳамзамон ҷиҳати такмили механизми пардохт ва бозгашти қарзҳои имтиёзнок шаклҳои нави пешниҳоди маълумот оиди дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди соҳибкорӣ таҳия гардиданд ва дар соли 2013 мавриди истифода қарор мегиранд.

Ҷиҳати тарғибу ташвиқот дар самти дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди соҳибкорӣ Барномаҳои махсуси таҳлилӣ ба навор гирифта шуда, тавассути Телевизионҳои «Сафина» ва «Шабакаи якум» намоиш дода

шуданд. Ғайр аз ин тавассути радиои «Садои Душанбе» ва газетаи «Роҳнамо» барнома ва маводи зарурӣ пахш ва нашр гардиданд.

**Тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон.**

Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор дар асоси моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор» аз 1 августи соли 2008, №373, дастурамал “Дар бораи ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор” ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ, тибқи қарори Ҳайати мушовараи Вазорат аз 11 июни соли 2009, №36 ва аз 28 июни соли 2010, №26 амалӣ мешавад.

Дар ҳамин замина дар давраи ҳисоботӣ мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълими касбии система дар миқёси ҷумҳурӣ маҷмӯан 53047 нафар шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатиро ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва шаҳодатномакунонӣ фаро гирифтанд.

Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷети Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 дар соли ҷорӣ 12981 нафар, тавассути худмаблағгузорӣ 24449 нафар, дар марказҳои таълими касбии намояндагии Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон 1637 нафар ва тавассути дигар созмонҳо 1606 нафар ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуда, малакаҳои касбии 12374 нафар бо шаҳодатномаҳо тасдиқ гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома дар Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва филиалҳои он 8248 нафар, дар КВД “Маркази таълимии шаҳри Душанбе” 1855 нафар, дар КВД “Маркази касбомӯзию соҳибкории шаҳри Душанбе” 1483 нафар, дар КВД “Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд” 579 нафар, дар КВД “Маркази таълими омӯзиши модулии шаҳри Душанбе” ва филиалҳои он 292 нафар ва тавассути Маркази иҷтимоӣ-соҳибкории “Эҳтиром”-и ноҳияи Ҷаббор Расулов 258 нафар шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ аз тайёрии касбӣ гузаштанд.

Нишондиҳандаи барнома оиди ба тайёрии касбӣ фаро гирифтани шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути маблағҳои буҷетӣ ба андозаи 106,6 фоиз таъмин гардид.

Инчунин дар ҳамин давра тавассути худмаблағгузорӣ аз ҷониби худи шаҳрвандон дар Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва филиалҳои он 7997 нафар (65,6%), дар КВД “Маркази таълимии шаҳри Душанбе” 845 нафар (46,9%), дар КВД “Маркази касбомӯзию соҳибкории шаҳри Душанбе” 605 нафар (29,2%), дар КВД “Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд” 414 нафар (23%), дар КВД “Маркази таълими омӯзиши модулии шаҳри Душанбе” ва филиалҳои он 811 нафар (51,3%) ва тавассути Маркази иҷтимоӣ-соҳибкории “Эҳтиром”-и ноҳияи Ҷаббор Расулов 251 нафар (71,7%) шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ аз тайёрии касбӣ гузаштанд.

Бар замми ин соли ҷорӣ бевосита дар заминаи муассисаҳои таълими касбии система малакаҳои касбии 10062 нафар шаҳрвандон бо шаҳодатномаҳо тасдиқ гардиданд.

Аз ҷумла дар Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" ва филиалҳои он малакаҳои касбии 7086 нафар, дар КВД "Маркази таълимии шаҳри Душанбе"889, дар КВД "Маркази касбомӯзию соҳибкории шаҳри Душанбе" 1100, дар КВД "Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд" 220, дар КВД "Маркази таълими омӯзиши модулии шаҳри Душанбе" ва филиалҳои он 574 ва тавассути Маркази иҷтимоӣ-соҳибкории "Эҳтиром"-и ноҳияи Ҷаббор Расулов малакаҳои касбии 193 нафар шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ тасдиқ гардиданд.

Ҳамин тавр дар давраи ҳисоботӣ аз 12981 нафар шаҳрвандоне, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар муассисаҳои таълими касбии система аз тайёрии касбӣ гузаштаанд, 11615 нафар таҳсилро хатм намуда, 8165 нафар дар ташкилоту муассиса ва корхонаҳо ба ҷойи кор таъмин шуданд, ки бокортаъминшавии хатмкунандагон 62,9 фоизро ташкил медиҳад.

Масъалаи боиси таваҷҷӯҳ муайян намудани талабот ба касбу ихтисосҳо мебошад, ки шаҳрвандони бекор ба омӯзиши ин касбҳо бештар рағбат доранд.

Новобаста аз ин, муҳим аст, ки талабот ба касбҳо дар заминаи пурсиши корфармоён муайян карда шавад ва омӯзиши ин касбҳо дар муассисаҳои таълими касбии система ҷорӣ гардад.

Бояд қайд намуд, ки ташаккули касбии захираҳои меҳнатӣ барои Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва ин раванд таҳти назорат ва таваҷҷӯҳи хоси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он аст, ки дар арафаи Соли нави мелодӣ ва ҷашнгирии Иди байналмиллалии Наврӯз Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Муассисаи давлатии "Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон " ва Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" ташриф оварданд. Дар заминаи дастуру супоришҳои Президенти кишвар зимни боздид аз ин муассисаҳо бо фармоиши Вазорат аз 13 апрели соли 2012, №67 "Нақша чорабиниҳо оид ба дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 15 марти соли 2012 дар маросими ифтитоҳи Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" баён доштанд, ба тавсиб расид.

Доир ба раванди иҷрои ин нақшаи чорабиниҳо аз ҷониби раёсат гузоришҳои муфассал ба вазорат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Илова ба ин дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Вазорат масъалаҳои ба тайёрии касбӣ фаро гирифтани шаҳрвандон баррасӣ шуда, аз ҷониби роҳбарияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ҷаласаҳои назоратии назди вазир низ гузоришҳои алоҳида дода шуд.

Ҳамчунин бо мақсади ҳарчи бештар ба тайёрии касбӣ фаро гирифтани аҳолии кишвар шабака ва намояндагиҳои муассисаҳои таълими касбии системаи вазорат дар давраи мадди назар васеъ гардид.

Аз ҷумла, филиали КВД "Муассисаи таълимии омӯзиши модулии шаҳри Душанбе" дар шаҳраки Маҳрами ноҳияи Конибодом ва намояндагиҳо дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Қайроқум, Ваҳдат ва ноҳияҳои Ҷиргатол, Тавилдара,

Нурobод, Бохтар,  Айнӣ, Ҳисор, Шахринав, Ҳамадонӣ, Рудакӣ, Ишкошим, Роштқалъа ва Мурғоб таъсис дода шудаанд.

Дар доираи татбиқи “Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” бошад, дар давраи ҳисоботӣ мувофиқи талаботи бандҳои 9, 14 ва 18 Нақшаи татбиқи «Барномаи рушди таълими касбии калонсолон дар Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» дар барномаҳои таълимии зиёда аз 28 касбу ихтисосҳо бо мақсади ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ҷавобгӯ намудани онҳо таълими фанҳои «Асосҳои соҳибкорӣ», «Асосҳои ҳуқуқ», «Забони русӣ», “Забони олмонӣ” ва инчунин мавзӯъҳо оиди шиносоӣ бо қонунгузории давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ворид карда шуда, дар Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Дар ин раванд масъалаи ташкили корхонаҳои хурди истеҳсолӣ дар назди муассисаҳои таълими касбӣ ва омӯзиши асосҳои соҳибкорӣ ба худи роҳбарони ин муассисаҳо, яъне асосҳои менеҷмент афзалият дорад ва тадриҷан ин кор амалӣ бояд шавад.

Инчунин дар системаи Марказҳои  таълимии системаи вазорат Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон” фаъолият дорад. Айни замон дар соли хониши 2011-2012  шумораи умуми хонандагон 244 нафар маъюбону ятимон ва бепарасторони синни мактабӣ дар ин муассиса ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд, ки аз ин 51 нафар ҷавондухтарон ва 193 нафар ҷавонписарон мебошанд. Дар соли хониши 2012-2013 дар  литсей-интернат 142 нафар хонандагон ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Айни замон дар литсей-интернат 264 нафар ҷавонони  қобилияти ҷисмониву фикриашон маҳдуд ба таълиму тарбия ва табобат фаро гирифта шуд, ки аз ин теъдод 209 нафар маъюб, 22 нафар бепарастор, 33 нафар аз оилаҳои маъюбон ва боқимонда аз оилаҳои камбизоат мебошанд.

Дар ҳамин радиф, дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон филиали Муассисаи  давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон” таъсиси дода шуд, ки дар он 450 нафар маъюбон ба касбомӯзӣ ҷалб карда мешаванд.

Барои такмил додани заминаҳои  моддиву техникии филиалҳои  Марказ ва рушди таълими касбии шаҳрвандон тадбирҳо, аз ҷумла густариши ҳамкориҳо бо ташкилотҳои ватанӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон роҳандозӣ шуда истодаанд.

Дар ин ҷода махсусан ҳамкориҳо бо Ҷамъияти Ҳамкории  байналмилалии Олмон,  Агентӣ оид ба ҳамкорӣ ва рушди Туркия, Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ,  Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, Ташкилоти Байналмилалии Муҳоҷират ва Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолониТоҷикистон натиҷаҳои хуб дода истодаанд.

Дар сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” низ мавҷуд аст, ки дар ҷодаи касбинтихобкунӣ, расонидани хизматҳои машваратӣ ва касбӣ ба корҷӯёну шаҳрвандони бекор, ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатӣ хизмат мерасонад.

Бо назардошти муҳим будани ин самти фаъолият, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №164 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» қабул гардид, ки мувофиқи ин санад дурнамои нақшаи фаъолият дар ин соҳа муайян шуд.

Дар ҳамин замина фаъолияти "Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ" роҳандозӣ шуда, тайи давраи ҳисоботӣ кормандони соҳаи роҳнамоии касбӣ ҷамъ ба 23649 нафар хизмати касбӣ расониданд.

Аз теъдоди умумии шаҳрвандоне, ки ба онҳо хизмати касбӣ расонида шуд 7633 нафарро бекорон, 2615 нафарро занон, 378 маъюбон, 3248 ҷавонони синни 15 то 29 сола, 516 ҷавонони аз сафи Артиши миллӣ озодшуда ва 876 нафарро шахсони дорои маълумоти олӣ ташкил медиҳанд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолият дар ин самт гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ дар миёни ҷавонон – хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва корҷӯёну шаҳрвандони бекор мебошад.

Солҳои охир, мувофиқи маълумоти аксар марказҳои тадқиқотии мустақим тадриҷан мушкилшавии вазъи бокортаъминшавии мутахассисони ҷавон - хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба мушоҳида мерасад.

Аз ин мавқеъ феълан фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, ки вазифаи асосии он кор дар зинаҳои аввал бо хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошад дар сатҳи зарури роҳандозӣ нашудааст.

Ҳамин аст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2012, №716 "Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ ва рушди таҳсилоти касбӣ" дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин як муассиса таъсис дода шуд.

Оид ба раванди таълими касбӣ дар муассисаҳои таълими касбии система метавон хулоса намуд, ки алҳол раванди таълими касбӣ дар ҷумҳурӣ ба талаботи бозори меҳнат начандон мувофиқ аст ва сатҳи тахассуси касбии хатмкунандагон низ беҳбудиро мехоҳад.

Бинобар ин хеле муҳим аст, ки ҳарчӣ зудтар ислоҳот дар соҳаи таълими касбӣ гузаронида шавад, заминаҳои моддию техникӣ, таълимию истеҳсолӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мустаҳкам карда шуда, тарҳҳои гуногуни ҳамкорӣ миёни марказҳои таълимӣ ва истеҳсолот таҳияву дар амал татбиқ гарданд.

Илова ба ин зарур аст, ки стандартҳои миллии касбу ихтисосҳо ва барномаҳои таълими касбии дар заминаи ин стандартҳо таҳияшуда дар фаъолияти тамоми муассисаҳои таълими касбӣ ҷорӣ карда шавад.

Ҳамин тавр вазифаҳои дар назди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ гузошташуда, дар самти рушди касбии захираҳои меҳнатӣ мадди назари доимӣ қарор дошта тадбирҳои муассир ҷиҳати дар амал татбиқ намудани онҳо пайваста амалӣ мешаванд.

**Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок.**

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи 198 шартномаҳои тарафайн бо корфармоён 5283 нафар бекорони дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбати пешгӯии Барнома 117,4

фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта (5437 нафар) 154 нафар кам мебошад.

Дар микёси вилоят ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ дар ВМКБ 810 нафар, вилояти Суғд 1187 нафар, вилояти Хатлон 1595 нафар, шаҳри Душанбе 349 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1342 нафар шаҳрвандони бекор ба корҳои музднокӣ ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд.

Аз шумораи шаҳрвандоне, ки ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб шудаанд, 2094 нафарро занон ва 2282 нафарро ҷавонон ташкил намуданд.

Бояд қайд намуд, ки ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятии музднок ба ҳайси чорабинии муваққатан ба шуғл ҷалб намудани шаҳрвандони бекор нақши муҳим дорад.

Бо назардошти он, ки ҷумҳурии мо аграрӣ маҳсуб меёбад дар аксари минтақаҳои ҷумҳурӣ намудҳои якхелаи корҳои ҷамъиятӣ ташкил ва гузаронида мешаванд. Аз ҷумла корҳои ободонию кабудизоркунӣ, ирригатсионӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ, гузаронидани хати об ва кандани каналу ҷӯйборҳо.

Аз ин лиҳоз дар давраи ҳисоботӣ дар иртибот ба иҷрои банди 9 Протоколи №4/2-19 ҷаласаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Оқилов О.Ғ., аз 2-3 марти соли 2012 оид ба арзёбии вазъи корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва пешгирии хавфи сар задании офатҳои табии вобаста ба баланд шудани сатҳи оби дарёҳо ва омодагӣ ба мавсими обёрӣ дар минтақаи Кӯлоб ва нохияи Панҷи вилояти Хатлон аз шаҳрҳои Кӯлоб 40 нафар шаҳрвандон, Норак 18 нафар ва ноҳияи Ховалинг 20 нафар ба корҳои ҷамъияти сафарбар карда шуданд.

Новобаста аз ин барои пешгирии офатҳои табиӣ дар вилояти Суғд ба корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳрҳои Истаравшан -30 нафар, Панҷакент -25 нафар ва ноҳияҳои Ҷ. Румӣ -20 нафар, Варзоб -20 нафар тавассути корҳои ҷамъиятӣ ба шуғли муваққатӣ ҷалб гардиданд.

Бар замми ин, тибқи дархости Раиси ВМКБ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2012, № 1/213 оид ба зарари офатҳои табиӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилоят расида, аз номи директори Агентӣ унвонии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ВМКБ 13 апрели соли 2012, № 2.5.1/659 мактуби супориши ирсол карда шуд. Мувофиқи супориши мактуби мазкур мақомоти давлатии шуғли аҳолии ВМКБ бояд маблағхои «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013»-ро барои корҳои ҷамъияти пешбинишуда дар соли 2012 барои бартараф намудани зарарҳои офатҳои табиӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилоят расида истифода баранд.

Дар ҳамин замина иловатан 50 нафар шаҳвандони бекор тавассути корҳои ҷамъиятӣ барои пешгирӣ ва бартараф намудани офатҳои табиӣ дар ноҳияҳои вилоят сафарбар карда шуданд.

Новобаста аз ин намуди корҳои ҷамъиятие ҳаст, ки ба минтақаҳо хос мебошанд ва маҳз дар ҳамин мавзеъҳо ташкил карда мешаванд.

Масалан, **парвариши кирмаки пилла** дар ноҳияҳои А. Ҷомӣ ва Исфара, **ғунучини ҳосили пахта** дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва **корҳои ирригатсионӣ** (обёрикунӣ) ба минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ хос мебошанд.

Дар баробари ин, дар мавзеъҳое истиқомати муҳоҷирони дохилӣ аз ҳисоби шаҳрвандони бекор дар шаҳри Турсунзода- 91 нафар, ноҳияи Данғара- 50 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафаркарда шудаанд.

Ин чунин тавассуи шартномаҳо дар зерсохторҳои вазорат аз ҷумла дар Хона-интернатҳо тавассути корҳои ҷамъиятӣ корҳои зиёди ободонию кабудизоркунӣ ташкил ва гузаронида шуданд. Аз ҷумла ба ин корҳо дар шаҳри Ваҳдат- 12 нафар, ноҳияи Варзоб 10 нафар ба иҷрои ин номгӯи корҳо сафарбар гардиданд. Барои нигоҳубини пиронсолон бошад, дар ноҳияи Кубодиён- 81 нафар шаҳрвандони бекор ба кори ҷамъиятии музднок ҷалб карда шуданд.

Масъалаи муҳим дар ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятӣ аз дарки масъулияти баробар дар ташкили ин чорабиниҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, корфармоён ва мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ иборат мебошад. Маблағҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барои ташкили ин чорабиниҳо ҷудо мешаванд, ҳамчун иловапулӣ ба музди меҳнат сарф мешаванд. Ба таври дигар, дар ташкил ва гузаронидани ин чорабиниҳо дар мадди аввал мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва корфармоён бояд ташаббус нишон диҳанд, зеро тавассути ин тадбир корҳои хеле зиёдро дар самти ободониву кабудизоркунии маҳалҳо, сохтмону таъмири роҳҳо ва инфрасохтори иҷтимоӣ анҷом додан мумкин аст.

Аз сабаби кам будани ҷойҳои кори холӣ дар ноҳияҳои куҳистони ҷумҳурӣ Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 18 июли соли 2012 тибқи Нақшаи иловагӣ оид ба ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятӣ дар шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ ҷалби 60 нафар шаҳвандони бекорро ба тавсиб расонид.

Мутаассифона дар ин ҷода ташаббус аз ҷониби корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо назаррас нест ва дар аксар ҳолатҳо музди меҳнати шаҳрвандони ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалбшуда аз ҷониби онҳо сари вақт таъмин карда намешавад.

Таҳлили сохтори соҳавии ташкили корҳои ҷамъиятии музднок нишон медиҳад, ки наздик 88 фоизи корҳои ҷамъиятӣ асосан аз корҳои кабудизоркунӣ ва ободонӣ иборат мебошанд. Ин дар ҳолест, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 «Дар бораи тасдиқи Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ» ва Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 2011, №56 “Дар бораи тадбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 “Дар бораи тасдиқи номгӯи корҳои ҷамъиятӣ” иҷрои 53 номгӯи корҳои ҷамъиятӣ тасдиқ шудааст.

Ба таври дигар, имрӯз танҳо 11,3 фоиз аз номгӯи корҳои ҷамъиятӣ ташкил ва гузаронида мешаванд, ки хеле кам аст.

Аз ин хотир, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳоро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷиҳати тақвияти фаъолият дар ташкили корҳои ҷамъиятӣ ва ба ин васила таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии маҳалҳо ва таъмини аҳолии бекор ба шуғли муваққатӣ тадбирҳои бетаъхир биандешанд.

**Таъин ва пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ**. Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ҷиҳати дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор ба онҳо кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда мешавад. Дар ин раванд тайи давраи ҳисоботӣ, аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 8140 нафар шаҳрвандон ба маблағи 2032496 сомонӣ кӯмакпулӣ оиди бекорӣ пардохт карда шуд, ки нисбати иҷроиши Барнома 153,6 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2011-ум (6299 нафар) теъдодан 1841 нафар зиёд мебошад.

Аз ҷумла, дар ВМКБ ба 699 нафар 149250 сомонӣ, вилояти Суғд ба 2217 нафар 537642 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 3530 нафар 648792 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 653 нафар 331659 сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 1041 нафар 365153 сомонӣ кӯмакпули барои бекорӣ ба шаҳрвандони бекор пардохт карда шуд.

Бо мақсади дастгирии молиявии занони бекор бошад, тайи давраи ҳисоботӣ ба 533 нафар занон дар ҳаҷми 244164 сомонӣ кӯмакпулӣ барои бекорӣ таъин ва пардохт гардид.

Таҳлили сифатии раванди таъин ва пардохти кӯмакпулиҳо барои бекорӣ нишон медиҳад, ки дар давраи мадди назар аз ҳисоби табақаҳои осебпазир дар бозори меҳнат ба 1019 нафар шаҳрвандони аз корхонаҳо ихтисоршуда, 455 нафар бо хоҳиши худ, 1514 нафар шаҳрвандони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ озодшуда ва 5152 нафар ҷавонони аз Қувваҳои мусаллаҳ озодшуда чунин кӯмакпулиҳо таъин ва пардохт шудаанд.

Ҳамин тавр, масъалаҳои танзиму густариши бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ дар самти мусоидат ба шуғл мадди назари доимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ қарор дошта, бо таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, роҳандозии шаклу усулҳои нави хизматрасонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда тадбирҳо тадриҷан амалӣ мешаванд.

## III. Дар самти муҳоҷирати аҳолӣ

Агентӣ дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ фаъолияти кории худро дар соли 2012 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба масоили муҳоҷират, супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба роҳ монда, дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Агентӣ бо мақсади танзими масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ, пешгирии ҳодисаҳои номатлуби табиӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ, аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқии обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод, инчунин ҷиҳати муайян намудани дурнамои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, банақшагирӣ ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ, беҳтар гардидани инфрасохтори деҳот, рушди соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва

мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати иҷрои саривақтии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ тадбирҳои амалӣ андешида аз аввали соли ҷорӣ як қатор корҳоро анҷом дод.

Дар давоми соли 2012 бо мақсади муайян намудани дурнамои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, банақшагирӣ ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, инчунин дар асоси банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №263 "Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба чараёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ" лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014"-ро таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа намуда, дар асоси пешниҳодоти онҳо такмил дод ва тибқи муқаррарот барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки он 28 феврали соли 2012 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №91 тасдиқ карда шуд.

Дар иртибот ба муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ бо мақсади идомаи кӯчонидани аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2013-2015»-ро таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа намуда, дар асоси пешниҳодоти онҳо такмил дод ва тибқи муқаррарот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ пешниҳод намуд, ки он дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 ноябри соли 2012 мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, № 677 ба тасвиб расид.

Ғайр аз ин лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530"-ро таҳия ва ба вазорату идораҳои ҷумҳурӣ барои мувофиқа пешниҳод намуд. Мутаассифона, лоиҳа аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ карда нашуд.

Инчунин лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кӯчонидани 45 оилаи муҳоҷирони экологӣ аз ноҳияи Тавилдара ба ноҳияҳои Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон»-ро дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 16 майи соли 2012 дар рафти сафари корӣ ба ноҳияҳои Рашт ва Тавилдара ҷиҳати рафъи оқибатҳои заминларзаи рӯзи 13 майи соли 2012 ба вуқӯъ омада таҳия намуда, бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа карда, бо назардошти фикру андешаҳои онҳо такмил дод ва тибқи муқаррарот барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки он 14 июли соли 2012 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июли соли 2012, №365 тасдиқ карда шуд.

**Муҳоҷирати дохилӣ:**

Дар соли 2012 кор дар самти муҳоҷирати дохилӣ тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012», аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол» ва аз 31 январи соли 2006, №75 «Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода» ба роҳ монда шудааст.

**Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530 дар соли 2012 бояд дар ҷумҳурӣ 951 оила ихтиёрӣ кӯчонида шавад, аз ҷумла дар вилоятҳои Хатлон-120 оила, Суғд-512 оила ва НТҶ-319 оила.**

Ба ҳолати 20 декабри соли 2012 дар ҷумҳурӣ 927 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) кӯчонида шуданд, ки ин 98%-и нақшаи солонаро ташкил медиҳад, аз ҷумла дар вилояти Хатлон 120 оила, Суғд 512 оила ва НТМ 295 - оила.

**Вилояти Хатлон**

Аз ноҳияи Вахш 20 оила ба ноҳияи Н. Хусрав ва 10 оила ба ноҳияи Шаҳритус, аз ноҳияи Шӯрообод 10 оила ба ноҳияи Шаҳритус, аз ноҳияи Қубодиён 80 оила ба ноҳияи Носири Хусрав.

**Вилояти Суғд**

Аз ноҳияи Ғончӣ 40 оила, аз ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 40 оила ва аз ноҳияи Айнӣ 200 оила ба ноҳияи Зафаробод, аз ҳудуди ноҳияи Ғончӣ 32 оила ва дар ҳудуди шаҳри Исфара 200 оила.

**НТҶ**

Дар ҳудуди шаҳри Роғун 45 оила, дар ҳудуди ноҳияи Варзоб 70 оила, аз ноҳияи Тоҷикобод ба ноҳияҳои Вахш 5 оила, Ёвон 20 оила, Ҷиргатол 30 оила, дар ҳудуди ноҳияи Рашт 40 оила ва ба ноҳияи Ҷиргатол 40 оила, аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол 35 оила ва аз ноҳияи Ҷиргатол ба ноҳияи Шаҳритус 10 оила.

**Эзоҳ: 105 оила аз ноҳияҳои Рашт – 40 оила, Тоҷикобод – 30 оила ва Ҷиргатол – 35 оила ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол соли 2011 кӯчонида шуд.**

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки бинобар сабаби ба талаботи кишоварзӣ ҷавогӯ набудани қитъаи замини ба муҳоҷирон ҷудогардидаи ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон, кӯчонидани 24 оилаи муҳоҷирони дохилии соли 2012 аз ноҳияи Тоҷикобод амалӣ нагашт. Илова бар ин ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур Вазорат унвонии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод якчанд маротиба мактуби расмӣ ирсол намуда иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб намуд. Мутаассифона, масъалаи мазкур аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод ҳалли худро наёфт.

Бо вуҷуди ин ин мақомот 23 октябри соли 2012, №580 унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб фиристода, дархост кардааст, ки ба қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, №530 тағйиру иловаҳо ворид карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530 Вазорат моҳи феврали соли равон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро таҳия карда, ба вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ барои мувофиқа пешниҳод намуд. Аммо лоиҳаи қарор аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ наёфт.

Бо сабабҳои болозикр масъалаи кӯчонидани 24 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ба ноҳияи Н.Хусрави вилояти Хатлон дар соли 2013 ба назар гирифта шудааст.

Ба 136 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ)-и кӯчонидашуда дар ҷумҳурӣ маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 204000 сомонӣ тавассути шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Аз ҷониби Вазорати молия барои муҳоҷирони дохилӣ дар соли 2012 маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 1426500 сомонӣ ва барои интиқоли онҳо 1145122 сомонӣ, дар маҷмӯъ 2571622 сомонӣ ҷудо гардида буд.

Бояд қайд кард, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №35-ф аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявии соли ҷорӣ 1275824 сомонӣ аз харҷномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират барои муҳоҷирати дохилӣ пешбинишуда гирифта барои ҷуброни маблағи арзиши бинову иншоотҳо ва хонаҳои истиқоматии кӯчонидашавандае, ки дар зери сохтмони Филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара ҷойгир шудаанд, равона намуд, ки дар натиҷа маблағгузории 710 оилаи боқимондаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) дар ҳудуди ҷумҳурӣ иҷро нагардидааст.

Агентӣ бо мақсади истифода намудани маблағҳои қарзи имтиёзнок аз харҷномаи Агентӣ, ки барои муҳоҷирати экологӣ пешбини гардидааст унвонии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби дархости аз 4 июни соли 2012, №14.2/1521 ирсол намуда, хоҳиш кардааст, ки аз ҳисоби харҷномаи экологӣ ба харҷномаи дохилӣ гузаронидан мусоидат намояд. Аммо то имрӯз бо сабабҳои номаълум ин масъала аз ҷониби Вазорати молия ҳалли худро наёфтааст, ки ин боиси халалдор намудани иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530 мегардад. Дар ҳолати ҳал гардидани масъалаи мазкур муҳоҷирони кӯчонидашудаи дохилӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

**Бо мақсади суръат бахшидан ба таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 «Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ(ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода» як қатор корҳо анҷом дода шуд.**

Аз 1000 оилаи муҳоҷирони кӯчонидашуда ба ҳолати 20 декабри соли 2012 ҳамагӣ 998 сардори оила бо шумораи умумии 2299 нафар муҳоҷирон дар мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирони шаҳри Турсунзода зиндагӣ менамоянд, аз ҷумла аз шаҳри Кӯлоб – 87, ноҳияҳои Данғара –123, Восеъ – 229, Шӯрообод – 88, Ҳамадонӣ – 197, Фархор – 45, Ховалинг – 68, Мӯъминобод – 75 ва Темурмалик – 86 оила.

Аз шумораи умумии муҳоҷирони кӯчонидашуда (1000 сардори оила), 920 нафар хонаҳои истиқоматиро сохта боми онро пӯшонидаанд, 75 нафар девори хонаҳоро бардоштанд, 5 нафар таҳкурсӣ(фундамент)-и хонаҳоро гузоштаанд.

Оиди бозгардондани муҳоҷирон ва идома додани корҳои сохтмонӣ, Агентӣ унвонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Ховалинг ва Мӯъминобод рӯзи 28 августи соли 2012, №14.2/2397 мактуби расмӣ ирсол карда, хоҳиш намуд, ки нисбати масъалаи мазкур кӯмаки амалии худро расонанд.

Бо мақсади суръат бахшидан ба таъмини иҷрои қарори мазкур аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Турсунзода барои ба шуғл фаро гирифтани муҳоҷирони дохилии кӯчонидашуда чораҳои амалӣ андешида шуда, муҳоҷирон барои ободонӣ, кабудизоркунӣ, кандан ва тоза намудани каналу ҷуйборҳо дар мавзеъҳои нави зисташон ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар карда шуданд.

Аз ҳисоби муҳоҷирони кӯчонидашуда тавассути курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзи муҳоҷирон ба омӯзиш ҷалб гардиданд. Ба 26 нафар муҳоҷирони аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон кӯчонидашуда маблағи 71400 сомонӣ қарзи имтиёзнок барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дода шуд.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Турсунзода 236 нафар муҳоҷирон то имрӯз бо ҷойи кор таъмин намудааст.

Дар давоми соли 2011 ва ноябри соли 2012 кӯчонидан ва интиқоли молу амволи 149 оилаи муҳоҷирон аз ноҳияҳои Восеъ, Данғара, Темурмалик, Шӯрообод, Фархор, Ховалинг ва Мӯъминобод ба шаҳри Турсунзода таъмин карда шуд.

Аз баргузории Ситоди ҷумҳуриявӣ 27 январи соли 2011 то имрӯз Агентӣ дар ҳамкори бо сохторҳои зертобеъ дар маҳалҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз шумораи умумии 534 сардори оилаи ба ҷойҳои пештараи зисташон баргашта 532 оилаи онҳоро ба мавзеъҳои нави зист дар шаҳри Турсунзонда мутташаккилона баргардонида овард. Бо сабаби дар муҳоҷирати мехнатӣ будани 2 сардори оила, онҳо ба мавзеи нави зист ҳозир нашудаанд.

Вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, № 75, як қатор корҳоро ба анҷом расониданд ва корҳо дар ин самт идома доранд.

Вазорати энергетика ва саноат, Ширкати саҳомии холдинги кушодаи «Барқи Тоҷик» корҳоро доир ба гузаронидани хатҳои интиқоли қувваи барқи дохилихоҷагӣ дар мавзеъҳои Қизил-Юл, Галаботур, Тегирмон ва Пахтабой қисман ба анҷом расонида, дар ҳолати пурра ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ аз тарафи муҳоҷирон, камбудиҳои боқимонда низ бартараф карда мешаванд.

Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар мавзеъҳои зисти муҳоҷирон баъзе корҳоро ҷиҳати таъмин намудани муҳоҷирон бо оби нӯшокӣ иҷро кардааст.

Дар мавзеъҳои Қизил-Юл ва Пахтабой хати қубури обгузар дар як кӯча гузаронида шуда, дар мавзеи Галаботур бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода дар назди мактаб як нуқтаи қубури обгузар гузаронида шудааст, ки муҳоҷиронро бо оби нушокӣ таъмин менамояд.

Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар нақшаи корҳои сохтмонии соли 2013 таъмини бо оби нӯшокӣ дар маҳалаҳои номбурдаро ба нақша гирифта, дар доираи маблағҳои ҷудогардида ин корҳоро амалӣ менамояд.

Дар мавзеи Тегирмон (маҳалли зисти муҳоҷирон аз ноҳияи Темурмалик) ҳарчанд чоҳи оббарорӣ канда шуда, насоси обкашӣ шинонида шуда бошад ҳам, лекин ба назди хонаҳои муҳоҷирон қубурҳо гузаронида нашуда, насоси обкашӣ мӯддати дароз аст, ки кор намекунад.

Дар деҳаи Пахтабойи ҷамоати деҳоти 10 солагии Истиқлолият аз тарафи КВД «Ширкати алюминийи Тоҷик» корҳо оид ба сохтмони бинои мактаби таҳсилоти умумӣ идома доранд.

Асосан аз байни шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, ки аз он ҷо муҳоҷирон кӯчонида шудаанд, ноҳияи Ҳамадонӣ ҷиҳати саривақт иҷро нагардидани қарори мазкур хунукназарӣ менамояд, чунки тибқи Нақша дар давоми солҳои 2007-2012 аз ноҳияи Ҳамадонӣ ба мавзеи Пахтабойи шаҳри Турсунзода 197 оилаи муҳоҷирони дохилӣ кӯчонида шуда буданд. Айни замон дар мавзеи мазкур 142 оила сохтмони хонаҳояшонро ба охир расонида, 75 оила девор бардошта, 5 оила таҳкурсӣ рехтаанд. Бинобар сабабҳои нарасидани маблағи кофӣ ва дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштан 23 оилаи муҳоҷирон девори хонаҳояшонро бардошта натавониста, сохтмони хонаҳояшонро дар як муддати кӯтоҳ мавқуф гузоштаанд.

Бояд қайд кард, ки масъулини Агентӣ чандин маротиба дар шаҳри Турсунзода ба мавзеъҳои нави зисти муҳоҷирон сафари хизмати намуда, аз буду боши муҳоҷирон дидан намуданд.

Баъд аз оне, ки унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби расмӣ оид ба баргузории Ситоди навбатӣ ирсол карда шуд, сармутахассиси шӯъбаи шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Исматов Н дар якҷоягӣ бо масъулини Агентӣ ба шаҳри Турсунзода сафари корӣ ҷиҳати пайдо намудани ошнои бо вазъи зисту зиндагонии муҳоҷирони дохилӣ анҷом доданд, ки аз натиҷаи он унвонии Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Р. А. гузориш ирсол гардид.

Бо назардошти камбудиҳои ҷойдошта дар иҷрои бечуночарои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 ҳалли фаврии масъалаҳои зерин зарур мебошанд:

1. Аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ҳарчи зудтар андешидани тадбирҳо ҷиҳати гузаронидани қубурҳои обгузар дар мавзеъҳои зисти муҳоҷирон барои таъминот бо оби нӯшокӣ ва барпо намудани манораи обтаъминкунӣ(башня) дар мавзеъи Қизил-Юл ва Пахтабой чунки танқисӣ аз оби нӯшокӣ норозигии муҳоҷиронро зиёд менамояд ва онҳо ба ҷойҳои муқимии зисташон бармегарданд.

2. Аз ҷониби Вазорати энергетика ва саноат ва ШСХК «Барқи тоҷик» анҷом додани корҳо ҷиҳати гузаронидани хати интиқоли барқ дар дохили мавзеъҳо ва хонаҳои истиқоматии муҳоҷирон.

3. Аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ҳал намудани масъалаҳо оиди бо кор таъмин кардани муҳоҷирон дар корхонаю идораҳои шаҳр, ташкил кардани хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ бо мақсади ҷалб намудани муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ,

инчунин барпо намудани дигар иншооти маданию равшаннамоӣ, ки ба ҳаёти шаҳрвандон беҳбудӣ мебахшад.

**Ҷиҳати иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол» корҳои муайяне ба анҷом расонида шудааст.**

Ба ҳолати 20 декабри соли равон 489 оилаи муҳоҷирон, аз ҷумла 80 оила аз ноҳияи Рашт, 60 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 349 оила аз ноҳияи Ҷиргатол дар мавзеи Чоргули ҷамоати деҳоти Лахш, мавзеи Дуванаи ҷамоати деҳоти Алға, мавзеи Ҷаилғани ҷамоати деҳоти Лахш ва мавзеи Сарталои ҷамоати деҳоти Сарталои ноҳияи Ҷиргатол ба таври муташаккилона бо қитъаҳои замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ таъмин карда шуданд.

Аз ҷониби Вазорат ба ҳар як сардори оила дар ҳаҷми 1500 сомонӣ, дар маҷмӯъ ба 500 оила 750000 сомонӣ қарзи имтиёзнок тавассути бахши Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и ноҳияи Ҷиргатол барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Ба ҳолати 20 декабри соли 2012 аз шумораи умумии муҳоҷирони кӯчонидашуда, 19 оила хонаҳои истиқоматиро сохта, боми онҳоро пӯшонданд, 27 оила девори хонаҳоро бардошта, 48 оила таҳкурсии хонаҳоро гузошта, 203 оила сангу шағал захира намуда ва 192 олаи дигар тамоман ба корҳои сохтмонӣ шурӯъ накардаанд.

Аз ҷониби масъулини Агентӣ ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол чандин маротиба сафари корӣ анҷом дода шудааст, аз он ҷумла муовини Директори Агентӣ Абдураҳмонов Б.М ба ноҳияи мазкур сафари корӣ намуда, аз рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430, корҳои анҷомдодашуда ва камбудиҳои ҷойдошта аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дидан намуд ва ба Роҳбарияти вазорат ахбори муфассал пешниҳод карда шуд.

Вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои қарори мазкур як қатор корҳоро анҷом доданд:

Аз ҷониби Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи кулл ва нақшаи сохтмони хонаҳои истиқоматӣ таҳия шудааст.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бунгоҳи тиббиро дар мавзеи Чоргули ҷамоти Муксу ба пуррагӣ ба итмом расонида, бо ашёҳо таҷҳизонидааст.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то саршавии мавзеи муҳоҷирнишин сангфарш намудани 4 км роҳро анҷом дод.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳорои сохтмони мактабро идома дода айни замон қисми аввали девори биноро бардоштааст.

Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани қубурҳои обгузар ҷиҳати таъмини муҳорирон бо оби нӯшокӣ дар масофаи 3800 метр қубури обгузар канда онро хобонидаанд, дар 3200 метри боқимонда кор идома дорад.

Вазорати энергетика ва саноат, Ширкати саҳомии холдинги кушодаи «Барқи Тоҷик» корҳоро доир ба гузаронидани хатҳои интиқоли қувваи барқи

дохилихоҷагӣ дар мавзеи Чоргул оғоз намуда, 110 чуқурӣ барои шинонидани симчӯбҳо омода кардаанд.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳоҷирон 20 адад хаймаҳои ғунҷоишашон аз 10 то 20 нафариро ҷудо кард.

Сари вақт иҷро нагардидани масъалаҳо аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор, мавҷуд набудани шароитҳои муносиби моддию маишӣ барои зист ва бо сабаби саривақт таъмин набудани муҳоҷирон бо оби тозаи нӯшокӣ, интиқоли қувваи барқ, сангфарш ва ҳамвор набудани роҳҳои дохилихоҷагӣ ва иншооти дигари ҳаётан муҳим ба он оварда расонид, ки муҳоҷирон ба корҳои сохтмони манзили истиқоматӣ оғоз накардаанд ва ин боиси таассуф мебошад.

Масъалаи мазкур моҳи октябри соли 2010 ва моҳи майи соли 2011 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, нисбати ҳалли онҳо ба вазорату идораҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода шуд.

Мутаассифона, вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби як қатор вазорату идораҳои дахлдор ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷиргатол оид ба гузаронидани хатҳои интиқоли қувваи барқ, оби нӯшокиву полезӣ, сохтмони роҳҳои дохилихоҷагӣ ва иншооти дигари ҳаётан муҳим суст ба роҳ монда шудааст.

Чунин, вазъият иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистонро халалдор менамояд.

Бо ин мақсад унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб оиди баргузории ҷаласаи корӣ доир ба иҷрои қарори мазкур бо иштироки масъулини вазорату идораҳои дахлдор омода ва ирсол карда шуд.

Аммо ин масъала то ҳол дастгирии худро наёфт.

Оид ба рафти иҷрои қарорҳои болозикр ҳар семоҳа маълумоти фаврӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Бо назардошти камбудиҳои ҷойдошта дар иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пурра ба танзим овардани фаъолият дар самти муҳоҷирати дохилӣ ҳалли фаврии масъалаҳои зерин зарур мебошанд:**

**1.** Баргузор намудани Ситоди навбатӣ оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 «Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ(ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода», барои ҳалли масъаллаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар мавзеъҳои Галаботур, Тегирмон, Пахтабой ва сохтмони мактаб дар мавзеи Пахтабойи шаҳри Турсунзода.

**2**. Даъват намудани ҷаласаи корӣ бо иштироки масъулини вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод ва Ҷиргатол ҷиҳати ҳалли масъалаҳои оби нӯшокӣ, полезӣ, роҳ, мактаб, хатти қувваи барқ дар мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол.

Оид ба рафти иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, №557 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба чораёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол»», аз 2 июни соли 2011, №263 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Оид ба чараёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ» ва аз 1 марти соли 2012, №91 "Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014" ҳар семоҳа маълумоти фаврӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Муҳоҷирати экологӣ:**

**Муҳоҷирати экологӣ:** Шӯъбаи муҳоҷирати экологии Раёсати муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ фаъолияти кории худро дар соли 2012 тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013», аз 20 январи соли 2009, № 47 "Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод" ва аз 14 июли соли 2012, № 365 "Дар бораи кӯчонидани 45 оилаи муҳоҷирони экологии ноҳияи Тавилдара ба ноҳияҳои Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон" ба роҳ монда, барои муҳоҷиркунонии аҳолӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ корҳои муайянеро ба анҷом дод.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011 - 2013» соли 2012 бояд аз минтақаҳои хавфноки экологии ҷумҳурӣ 300 хоҷагии муҳоҷирон кӯчонида шаванд, аз ҷумла; ВМКБ – 49 хоҷагӣ, вилояти Суғд – 48, вилояти Хатлон - 104 ва ноҳияҳои тобеи марказ - 99 хоҷагӣ.

Барои кӯчонидани ин хоҷагиҳо дар харҷномаи Агентӣ дар соли 2012 маблағи умумӣ ба микдори 3077190 сомонӣ, ки аз он 2769471 сомонӣ қарзи имтиёзнок ва 307719 сомонӣ кӯмаки якдафъаинаро ташкил медиҳад, пешбинӣ шуда буд.

Дар аввали соли ҷорӣ баъд аз пешниҳоди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар мувофиқа бо Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати 300 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ барои пардохти қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаинаи моддӣ ба Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқуроддаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки он аз 4 апрели соли 2012, таҳти №19/1-2-05 тасдиқ гардид.

Аз 300 хоҷагии тасдиқгардида ба 295 хоҷагии дар мавзеъҳои хавфноки экологӣ истиқоматдошта ба андозаи 885000 сомонӣ қарзи имтиёзнок ва 114000 сомонӣ кӯмаки яквақтаинаи моддӣ, ки дар маҷмӯъ 999000 сомониро ташкил медиҳад ба воситаи шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар шаҳру ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон барои пардохт интиқол дода шуд.

Аз шумораи умуми ба 5 хоҷагии пешниҳод гардида маблағҳои қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаинаи моддӣ пардохт нагардид. Сабаби пардохт нагардидан ин аст, ки 2-хоҷагӣ аз ноҳияи Балҷувон, 1-хоҷагӣ аз шаҳри Исфара такроран ба рӯйхати муҳоҷирон пешниҳод шудаанд ва ин хоҷагиҳо дар соли 2011 маблағгузорӣ шуда буданд ва 1 хоҷагӣ аз ноҳияи Шуғнон, 1 хоҷагӣ аз

ҳисоби ноҳияи Нуробод барои пардохти маблағи қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаинаи моддӣ пешниҳод нагардида буданд.

Дар давоми соли 2012 ҳамаи 300 хоҷагии ба нақша гирифташуда бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ пурра таъмин гардиданд, ки аз ин **257** хоҷагӣ дар мавзеҳои бехавф истиқомат доранд, ки 86 %-и нақшаро дарбар мегирад аз ҷумла; дар ВМКБ - 4**3** хоҷагӣ, вилояти Сӯғд -31, вилояти Хатлон - **97** ва ноҳияҳои тобеи марказ – **86** хоҷагӣ.

Боқимонда 43 хоҷагӣ дар минтақаҳои бехавф ба сохтмони манзили истиқоматиашон машғул мебошанд. Аз ҷумла аз ВМКБ -6 хоҷагӣ, вилояти Суғд – 17 хоҷагӣ, вилояти Хатлон-7 хоҷагӣ, НТМ- 13 хоҷагӣ.

Тибқи Нақшаи миёнамӯҳлат аз ВМКБ дар соли 2012 бояд 49 хоҷагии муҳоҷирон аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида мешуд. Аз ҷумла; ноҳияи Дарвоз-10 хоҷагӣ, Ванҷ-7, Рӯшон-3, Шуғнон-5, Рошқалъа-10, Ишкошим-9 ва Мурғоб-5 хоҷагӣ.

Айни замон аз минтақаҳои хавфноки экологии ВМКБ 43 хоҷагӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида шудааст, ки 88 %-и нақшаи пешбини гардидаро дарбар мегирад. Муҳоҷирони кӯчонида шуда бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд.

Ҳоло 28 хоҷагӣ дар мавзеи бехавф истиқомат дошта, 7 хоҷагӣ девор бардошта, 8 хоҷагӣ таҳкурсии хонаҳояшонро омода намудаанд. Аз сабаби набудани имконияти молиявии муҳоҷирон 6 хоҷаги боқимонда ба сохтмони манзили истиқоматиашон оғоз накарда, аз мавзеҳои хавфнок кӯчонида нашудаанд. Аз ҷумла, 3 хоҷагӣ аз ноҳияи Ишқошим, 2 хоҷагӣ аз ноҳияи Роштқалъа .

Ба ҳамаи 49 хоҷагӣ муҳоҷирони экологии ВМКБ маблағи қарзи имтиёзнок ва қумаки яквақтаина барои пардохт интиқол дода шуд.

Тибқи Нақшаи миёнамӯҳлат аз вилояти Хатлон дар соли 2012 бояд 104 муҳоҷирони экологӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида мешуд. Аз он ҷумла; ноҳияи Ёвон-6 хоҷагӣ, А.Ҷомӣ-5, Хуросон-5, Ҷиликӯл-6, Панҷ-6, Шаҳритус-5, Қабодиён-5, Вахш-6, Данғара-8, Ҳамадонӣ-5, Восеъ-7, Кӯлоб-5, Шуробод-7, Балҷувон-5, Муминобод-7, Темурмалик-5, Бохтар-5, Норак-6 хоҷагӣ.

Дар давоми соли 2012 аз минтақаҳои хавфноки экологии вилояти Хатлон 97 хоҷагӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида шуда шудааст, ки ин 94 % нақшаи пешбинигардидаро дарбар мегирад. Айни ҳол 68 хоҷагӣ дар минтақаҳои бехавф истиқомат дошта, дар мавзеи нави зист 7 хоҷагӣ корҳои сохтмониро идома дода, 9 хоҷагӣ то ҳол ба корҳои сохтмони оғоз накардаанд. 10 хоҷагӣ боқимонда, аз ҷумла 5 хоҷагии муҳоҷирони экологии шаҳри Кӯлоб, ки талаби манзили истиқоматии тайёрро карда аз гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигии пешниҳод гардида ва кӯчидан ба мавзеҳои бехавф даст кашидаанд.

Дар асоси Нақшаи миёнамуҳлат бояд, ки 48 хоҷагӣ аз вилояти Суғд дар соли 2012 аз ҷойҳои хавфноки экологӣ ба мавзеи бехавф кӯчонида мешуд. аз ҷумла; шаҳрҳои Исфара-6 хоҷагӣ, Панҷакент-10, Хуҷанд-10, ноҳияҳои Шаҳристон-8, Ғончӣ-6, Айнӣ-5, ва Спетамен-3 хоҷагӣ.

Айни замон аз минтақаҳои хавфноки вилояти Суғд 31 хоҷагӣ, ки 65%-и нақшаи миёнамуҳлатро ташкил медиҳад дар мавзеҳои бехавф бо қитъаи замини

наздиҳавлигӣ таъмин гардида, ба корҳои сохтмони шуруъ намуданд. Бо сабаби аз ҷониба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, ноҳияҳои вилояти Суғд саривақт ҷудо нагардидани қитъаҳои замин 17 хоҷагӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида нашуданд. Аз ҷумла 2 - хоҷагӣ аз ноҳияи Айнӣ, 1 - хоҷагӣ аз ноҳияи Ғончӣ, 2 хоҷагӣ аз шаҳри Исфара, 4 хоҷагӣ аз шаҳри Панҷакент, 4 хоҷагӣ аз шаҳри Хуҷанд, 3 хоҷагӣ аз ноҳияи Шаҳристон, 1 хоҷагӣ аз ноҳияи Спетамен. Ба ҳамаи 48 хоҷагӣ муҳоҷирони экологии вилояти Суғд маблағи қарзи имтиёзнок ва кумаки яквақтаина барои прадохт интиқол дода шуд.

Тибқи нақша соли 2012 аз Ноҳияҳои тобеи марказ бояд 99 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ аз минтақаҳои хавфнок ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида мешуданд. Аз он ҷумла; шаҳрҳои Роғун-6, Турсунзода-15, Ваҳдат-6 хоҷагӣ, ноҳияҳои Файзобод-8, Варзоб-15, Тоҷикобод-8, Тавилдара-6, Рашт-6, Рӯдакӣ-12 ва Нуробод-7 хоҷагӣ.

Аз минтақаҳои хавфноки экологии Ноҳияҳои тобеъи марказ дар давоми соли 2012 баъд аз таъмин гардидан бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ 86 хоҷагӣ ба мавзеҳои бехавф кӯчонида шуд. Бо сабабҳои номаълум аз шаҳрҳои Роғун-1 хоҷагӣ, Турсунзода-3, ноҳияҳои Файзобод-1, Ҷиргатол-1, Рашт-1 хоҷагӣ. Бинобар сабаби аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод ба муҳоҷирони экологӣ ҷудо нагардидани қитъаҳои замин рӯйхати -7 хоҷагии унвонии Агентӣ пешниҳод нагардид, ки ин шумора бо муҳоҷирони экологии ноҳияи Рашт иваз карда шуд.

Дар умум 14 хоҷагӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ кӯчонида нашудааст.

Тибқи хулосаи пешниҳод намудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ба асари сербориш омадани зимистону баҳори соли 2012 зиёда аз 475 хоҷагӣ аз ҷумла, дар ВМКБ - 35 хоҷагӣ, вилояти Хатлон – 254, вилояти Суғд – 9 хоҷагӣ ва Ноҳияҳои тобеи марказ – 177 хоҷагӣ зарари ҷиддӣ дида дар минтақаҳои хавфноки экологӣ қарор доранд.

Аз ҷониби Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру Ноҳияҳои тобеи марказ унвонии вазорат оиди кӯчонидан ва маблағгузории ин хоҷагиҳои ғайринақшавӣ дархостҳо ворид гардида буд, ки аз ҳисоби маблағҳои барои муҳоҷирони экологӣ ҷудо гардида ба 169 хоҷагии зарардидаи ғайринақшавӣ ба миқдори 507000 сомонӣ маблағгӯзорӣ карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари корҳои ба анҷом расонидашуда дар раванди кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ аз минтақаҳои хавфнок камбудиҳо низ аз ҷониби кормандони соҳа ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дида мешавад. Пеш аз ҳама на дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

Дар навбати худ онҳо барои эҳтиёҷоти муҳоҷирони дар минтақаҳои хавфноки экологӣ истиқоматдошта саривақт қитъаҳои замини наздиҳавлигиро барои сохтмони манзили истиқоматӣ ҷудо намекунанд, ки ин яке аз масъалаҳои ҳалталаб гардидааст. Ин саҳланкори бештар дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Панҷакент, Хуҷанд ва Исфараи вилояти Суғд, Кӯлоби вилояти Хатлон бештар мушоҳида карда мешавад.

Дигар сабаби саривақт накӯчидани муҳоҷирони экологӣ ин нокифоягии маблағҳои ҷудогардида барои сохтмони манзили истиқоматӣ мебошад.

Бо ҳамин сабаб кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ махсусан дар шаҳрҳои Панҷакент, Хуҷанд ва Айнии вилояти Суғд, шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода саривақт ҳал карда намешавад.

Ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 таҳти назорати доимӣ қарор дорад.

**Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009, №47 «Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод» дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Роғун, Турсунзода ва ноҳияҳои Нуробод ва Рӯдакӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд.**

Тибқи нақшаи пешниҳод гардида, дар давоми солҳои 2009-2015 теъдоди 3139 хоҷагӣ ё 5139 оила бояд, аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун ба мавзеъҳои интихобгардида бояд кӯчонида шаванд.

Дар давоми солҳои 2009 - 2012 аз минтақаи зериобмонии «НБО Роғун» дар маҷмӯъ 1534 оила кӯчонида шуда, бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд, аз ҷумла аз шаҳри Роғун 199 ва ноҳияи Нуробод 287оила, ҷамъ 486 оила ба шаҳри Турсунзода, аз шаҳри Роғун ба деҳаи Саидони шаҳри Роғун 195 оила, аз ноҳияи Нуробод ба ноҳияҳои Данғара-256, Рудакӣ-261 ва ба шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод 336 оила.

Аз шумораи умумии муҳоҷирони кӯчонидашуда дар маҳаллаҳои нави истиқоматӣ 275 оила зиндагӣ дорад ва муҳоҷирони боқимонда ба корҳои сохтмони манзили истиқоматӣ машғул мебошанд.

Соли ҷорӣ бошад тибқи нақшаи тасдиқшуда 300 оила бо шумораи умумии 1283 аъзои оилаи муҳоҷирон аз ин минтақа бояд кӯчонида мешуданд.

Агентӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ шаҳри Роғун, ноҳияи Нуробод ва Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолии аз минтақаи зериобмонии НБО «Роғун» кӯчонидашавандаро ба роҳ монда, дар давоми соли ҷорӣ 329 оиларо аз минтақаи якӯми зериобшавандаи НБО Роғун ба маҳаллӣ нави истиқоматӣ шаҳри Турсунзода, Роғун, ноҳияҳои Данғара ва Рӯдакӣ кӯчонида шудааст, ки ин аз нақша 29 оила бештар мебошад ва ин 110% нақшаро ташкил медиҳад. Ҳамаи оилаҳои кучонида шуда аз ҷониби Агентӣ пурра маблағгузорӣ гардидаанд.

Тибқи ахбори фаврӣ ба ҳолати имрӯза вазъи мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирон бо назардошти корҳои иҷрошуда чунин аст:

**шаҳри Роғун:**

Дар давоми соли 2012 аз минтақаи зериобмонии шаҳри Роғун 195 оила ба деҳаҳои Саидони боло ва Ёли-гармобаи шаҳри Роғун кӯчонида шуда бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд.

Дар ин мавзеҳо оилаҳои кучонидашуда ба кори сохтмони манзили истиқоматии худ оғоз накардаанд.

**шаҳри Турсунзода:**

То имрӯз ба мавзеи Тойчии ҷамоати деҳоти Ҷура Раҳмони шаҳри Турсунзода аз шаҳри Роғун 199 оила ва аз ноҳияи Нуробод 287 оила, ҷамъ 486 оила кӯчонида шудааст. Аз шумораи умумии кӯчонидашудагон 427 сардори оила ба қайди доимӣ гирифта шуда, ҳамаи онҳо бо дафтарчаи муҳоҷирӣ таъмин карда шудаанд.

Айни замон ба 284 оила аз 30 то 100% маблағҳои арзиши хонаҳо ва дигар амволашон аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» пардохт карда шуд.

Дар ин мавзеъ 273 хонаи истиқоматӣ пурра тайёр, 42 оила девори хона бардошта, 24 оила таҳкурсии хонаҳоро омода намудаанд, 147 оилаи боқимонда корҳои сохтмониро оғоз накардаанд.

Айни замон дар шаҳри Турсунзода 70 оила аз минтақаи зериобмонии НБО Роғун истиқомат доранд.

Ба ҳолати имрӯза ба 379 сардори оила қарзи имтиёзнок ба маблағи 3000 сомонӣ ба (ҳар як сардори оила) ва кӯмаки яквақтаина ба андозаи 300 сомонӣ (ба оила) тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Турсунзода пардохт карда шудааст. Аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» сохтмони бунгоҳи тиббӣ, гузаронидани хатти қувваи барқ, чоҳи амудӣ барои таъмини оби нӯшокӣ ба анҷом расонида шуда, сангфарш кардани роҳҳои дохилиҳоҷагӣ ва шинондани хатти обгузар идома дорад. Сохтмони мактаби таҳсилоти умуми низ идома дорад.

**ноҳияи Данғара:**

Ба ноҳияи Данғара 256 оила аз ноҳияи Нуробод кӯчонида шуда, бо таҳкурсию қитъаи замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд.

Ҳамзамон, Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» ба 168 оила маблағҳои арзиши хонаҳо ва дигар амволашонро ба андозаи аз 50 то 100% пардохт намудааст.

Дар ин мавзеъ корҳои сохтмонӣ идома ёфта, 178 оила манзили истиқоматиашонро ба пуррагӣ сохта, 22 оила деворҳои хонаашонро бардошта, 8 оила таҳкурсии хонаҳоро омода намуда, 48 оилаи боқимонда корҳои сохтмониро оғоз накарданд. Айни замон аз 256 оила дар ин маҳалла 128 оила бо шумораи умумии 538 нафар истиқомат доранд.

Аз 256 оилаи нақшавӣ 229 оила аз маблағҳои қарзи имтиёзнок ба миқдори 3000 сомонӣ (ба ҳар як сардори оила) ва кӯмаки яквақтаина ба андозаи 300 сомонӣ (ба оила) истифода бурданд. Муҳоҷирон бо қувваи барқ, роҳ, оби нӯшокӣ, полезӣ ва дигар иншоотҳои зарурӣ таъмин мебошанд. Бунгоҳи тиббӣ ба истифода дода шуда, сохтмони мактаби миёна оғоз гардидааст.

**ноҳияи Нуробод:**

Ба шаҳраки навбунёди Дарбанд то имрӯз аз минтақаи зериобмонии НБО «Роғун» 336 оила кӯчонида шуда, бо хона, таҳкурсӣ ва замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд.

Айни замон ба 154 оила ба андозаи аз 40 то 100% маблағҳои арзиши хонаҳо ва дигар амвол аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» пардохт карда шудааст. Рафти

корҳои сохтмонӣ идома дорад. Айни ҳол 102 хонаи истиқомати пурра тайёр буда, 15 оила девор бардошта, 41 оила таҳкурсии хонаҳоро гузошта, 178 оилаи боқимонда корҳои сохтмониро оғоз накарданд. Дар мавзеи муайяншуда аз 336 оилаи муҳоҷирон айни замон 32 оила истиқомат доранд.

Ба ҳамаи 315 оилаи муҳоҷирони ба шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод кӯчонидашуда, қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаина пардохт карда шудааст..

**ноҳияи Рӯдакӣ:**

Ба мавзеъҳои Теппаи Самарқандӣ ва Моинкаҷи ноҳияи Рӯдакӣ аз минтақаи зериобмонии НБО-Роғун то имрӯз 261 оила кӯчонида шуда, дар чор мавзеи муайянгардида ба 261 оила замини наздиҳавлигӣ ҷудо гардидааст. Дар ин мавзеъ 230 оила ба қайд гирифта шуда, 226 оила маблағҳои қарзи имтиёзнок ва кумакпулӣ таъмин гардидаанд.

Айни замон ба 158 оила маблағҳои арзиши хонаҳо ва дигар амвол аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» пардохт шуда ба 226 оила маблағҳои қарзи имтиёзнок ва кӯмакпулӣ пардохт гардидааст.

Ҳоло дар ин мавзеъ 135 оила хонаи истиқоматиро пурра сохта, 8 оила девор бардошта, 42 оила таҳкурсии хонаҳоро гузошта, 76 оилаи боқимонда корҳои сохтмониро оғоз накардаанд.

Аз 261 оилаи муҳоҷирон 45 оила бо шумораи 144 аъзои оила айни замон дар маҳалли нави зист истиқомат доранд.

Новобаста аз корҳои анҷомдодашуда, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳоҷирони кӯчонидашуда бо қитъаи замин таъмин гардида бошанд ҳам, аммо рафти оғози корҳои сохтмонӣ, аз ҷониби муҳоҷирон ба талаботи рӯз ҷавобгӯ намебошанд.

**Бо мақсади иҷрои камбудиҳои ҷойдошта ва иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009, № 47 ҳалли фаврии масъалаҳои зеринро зарур мешуморем:**

1. Аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» ва Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати саривақт муайян намудани қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ барои муҳоҷирони кучонидашаванда чораҳои зарурӣ андешида мавзеъҳо барои кӯчонидани муҳоҷирон дар аввали сол муайян карда шавад.
2. Аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Турсунзода, Роғун ва ноҳияҳои Нуробод, Рӯдакию Данғара андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати расонидани кӯмакӣ амалӣ ба муҳоҷирон барои анҷом доданӣ сохтмонӣ хонаҳои истиқоматӣ ва таъмини муҳоҷирон бо ҷойи кори доимӣ.

**Агентӣ бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июли соли 2012, №365 "Дар бораи кӯчонидани 45 оилаи муҳоҷирони экологӣ аз ноҳияи Тавилдара ба ноҳияҳои Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон" як қатор корҳоро ба анҷом расонид.**

Аз он ҷумла ба 8 оилаи муҳоҷирон дар ноҳияи Панҷ ва ба 37 оила дар ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ ҷудо гардида, маблағи қарзи имтиёзнок ва кӯмаки якдафаина тавассути шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и ноҳияҳои Панҷ ва Қумсангир барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Айни замон аз 45 оилаи кӯчонидашуда 7 оила дар ноҳияи Панҷ пурра хонаҳои истиқоматиашонро сохта ба итмом расонидаанд. Ба ҳолати имрӯза аз 37 оилаи ба ноҳияи Қумсангир кучонидашуда 22 оила таҳкурсии хонаяшонро омода карда, 15 оила девор бардоштаанд. Дар ин мавзеъ 36 оила дар манзилҳои муваққати истиқомат доранд.

Чараёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологии аҳолӣ таҳти назорати Агентӣ қарор дорад.

Мавриди зикр аст, ки бо мақсади омӯзиши самти муҳоҷират, кормандони Раёсат дар курсҳои такмили ихтисос дар шаҳрҳои Қурғонтуппа, Кӯлоб, Хӯҷанд ва Хоруғ ширкат варзида ба иштироккунандаҳо масъалаҳои ҷойдоштаи муҳоҷирати дохилӣ ва экологиро фаҳмонида дода истодаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки соли ҷорӣ ба Раёсат 349 мактубҳои расмӣ, аз он ҷумла; аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 108 адад, вазорату идораҳои дахлдор-98, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо -107, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ- 31, ва аризаи шаҳрвандон- 5 адад, оид ба кӯчонидан, ҷо ба ҷо намудани муҳоҷирон ва ҳоказо ворид гардидааст, ки ба ҳамаи онҳо саривақт ҷавоб ирсол карда шудааст.

**Самти ташкилӣ ва назоратӣ.**

Дар соли ҷорӣ 69 фармоишҳои дохилии Агентӣ таҳия ва ба имзо расонида шуд, ки 42 ададаш барои баррасӣ ва иҷро ба мақомоти Агентӣ ва дигар сохторҳои дар ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур фиристонида шуд. Тайи ҳамин давра 51 нақшаи ҳафтаина, ки 1749 масъаларо дар бар мегирад таҳия карда шуда, иҷрои саривақтии онҳо зери назорати доимӣ қарор дода шуд. Нақшаи солонаи Агентӣ бошад 232 масъаларо дар бар гирифта, аз ин 7 адад масъала ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, 5 адад масъалаҳое, ки дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, ба иҷро расонида шуд. Ҳамзамон 51 Протоколи ҷаласаҳои назоратии назди директори Агентӣ ва муовинони директор таҳия ва тасдиқ карда шуда, 1749 супоришро дар бар мегирад, ки мавриди баррасӣ қарор дода шуда, иҷрои онҳо зери назорати қатъӣ қарор дода шудаанд.

**Самти ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар асоси Низомнома ва нақшаи корӣ фаъолият намуда, оид ба иҷрои дастуру супоришҳо, нақшаҳои мақомотиҳои болоиро дар давраи сипаришуда пешниҳод менамояд.

**Дар ин давра дар Агентӣ 501 воҳиди корӣ барои хизматчиёни давлатӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла барои дастгоҳи марказӣ - 65, НТҶ - 76, вилояти Хатлон - 144, вилояти Суғд - 127, ВМКБ - 50, ва шаҳри Душанбе - 39 воҳиди корӣ ҷудо карда шудааст.**

**Баъд аз таҳлил намудани фармоишҳои содиршудаи кадрӣ (ҳайати кормандон, рухсатии меҳнатӣ ва сафарҳои хизматӣ) маълум гашт, ки дар ин муддат ҳамагӣ**

**598 фармоиш, аз ҷумла ҳайати кормандон 190, рухсатии меҳнатӣ – 249 ва сафарҳои хизматӣ – 159 адад ба тавсиб расидаанд.**

Бо 190 фармоишҳои ҳайати кормандон 97 нафар кормандон ба вазифа таъин, 42 нафар озод карда шудаанд, навбатдорӣ – 8 адад, 12 - адад муҷозот, 6-адад ҳавасмандгардонӣ, муқарар намудани собиқаи хизмати давлатӣ – 13 адад ва дигар фармоишҳо -12 адад ба имзо расидаанд.

Бо 249 фармоишҳои рухсатии меҳнатӣ ба 192 нафар рухсатии навбатии меҳнатӣ, 9 нафар рухсатии иловагии пардохтшаванда, 4 нафар рухсатии барои таввалуд ва нигоҳубини кӯдак, 29 нафар бинобар зарурияти корӣ аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд карда шудаанд, ба 15 нафар рухсатии бемузд дода шуд.

Бо 159 фармоишҳои сафари хизматӣ, 16 адад курси такмили ихтисос, 13–адад сафари хориҷа, 130 адад сафари хизматӣ ба вилоятҳои ВМКБ, Суғд, Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ба тасвиб расидааст.

Дар ин давра 159 нафар хизматчиёни давлатӣ, 16 нафар кормандони ғизосанҷ, 12 нафар кормандони иҷтимоии муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, 5 нафар кормандони Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо 42 нафарашон занон мебошанд. Аз ин 2 нафар хизматчии давлатӣ барои баланд бардоштани савияи дониш дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳо иштирок намуданд, ки ҳардуи онҳо занҳо мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби шӯъбаи ҳукуқ ва сиёсати кадрҳо оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2005, № 289 «Дар бораи тасдиқи эъломия оид ба андоз ва эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» корҳо ба роҳ монда шуд.

Дар маҷмӯъ барои давраи фаъолияти соли 2011 хизматчиёни давлатии Агентӣ эъломияҳои худро саривақтӣ то 1-уми апрели соли 2012 ба мақомоти дахлдор пешниҳод намуданд.

**Аз ҷониби шӯъбаи ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо дар асоси фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷиикистоназ 25 январи соли 2011, №4-ҲК «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои навбатдорӣ дар қабулгоҳи Вазир», лоиҳаи фармоиши директор ва Қоидаҳои навбатдорӣ таҳия шуда бо фармоиши директори Агентӣ тасдиқ гардид. Мутобиқи «Қоидаҳои навбатдорӣ» аз ҳисоби кормандони Агентӣ дар рӯзҳои истироҳат (шанбе, якшанбе) рӯйхати навбатдорон ва дар рӯзҳои ид рӯйхати шабонарӯзии навбатдорон тартиб дода шуда, дар дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои таркибӣ навбатдорӣ ба роҳ монда шудааст.**

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2011, №20 ҲК «Дар бораи тадбирҳои иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2011, № 1018 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар тамоми системаи Агентӣ дар асоси фармоиши директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 14 декабри соли 2012, №183 «Дар бораи гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатии Агентӣ» баҳодиҳӣ гузаронида шуд.

Дар робита ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2012 оиди ҷойивазкунии (ротатсияи) роҳбарони сохторҳои Агентӣ як қатор роҳбарони муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ иваз карда шудаанд.

Дар давраи ҳисоботи дар дастгоҳи марказии Агентӣ ва сохторҳои он 6 маротиба озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурӣ гузаронида шуд, ки дар он 109 мансабҳои холӣ пешниҳод карда шуда дар натиҷа 114 нафар довталаб ба мансабҳои гуногун ҳуҷҷат пешниҳод намуданд. Аз теъдоди умумии довталабон 88 нафар ба мансабҳои гуногун таъин гардиданд.

Ҳамзамон бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ" дар сохторҳои Агентӣ аз ҷумла, вилояти Суғд 40 нафар, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 32 нафар, Хатлон 21 нафар ва шаҳри Душанбе 9 нафар ҷамъ дар маҷмӯъ 102 нафар аз аттестатсияи гузаронида шудаанд.

Инчунин дар ин давра аз ҷониби шӯъба тибқи супориши директори Агентӣ 10 адад фармоишҳо доир ба аз навтаъсис додани комиссияҳо доимо амалкунанда омода ва таҳия карда шуд.

Дар ин муддат ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳайати мушовари Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 (нуҳ) лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 (панҷ) лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи Вазорат таҳия гардиданд, аз ҷумла:

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба чараёни иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар самти касбомӯзии шаҳрвандони бекор";
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014"-ро таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа намуда, дар асоси пешниҳодоти онҳо такмил додашуда ва тибқи муқаррарот барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки он 28 феврали соли 2012 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №91 тасдиқ карда шуд;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кӯчонидани 45 оилаи муҳоҷирати экологӣ аз ноҳияи Тавилдара ба ноҳияҳои Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон аз 14.07.2012, №365;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 31 январи соли 2006, №62 ки аз 1 марти 2012, №111;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2013-2015";

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсис додани Муассисаи давлатии “Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо” аз 2 ноябри соли 2012, №629;

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи филиали Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» аз 2 ноябри соли 2012, №629;

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №102;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2011, №497 “Дар бораи Муассисаи давлатии “Осоишгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати “Харангон”-и ноҳияи Варзоб” айни замон дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.;

Дар ин давра як қатор лоиҳаҳои қарорҳои Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Аз ҷумла:

- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои ҳисоботи соҳавии омори шуғли аҳолӣ”;
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти марказҳои будубоши рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд”;
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳисоботи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар самти ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъятии музднок”;
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Доир ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 “Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташакилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013”;
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳисоботи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират оид ба фаъолияти Осоишгоҳ ва Истироҳатгоҳҳои системаи Агентӣ дар мавсими истироҳатии соли 2012”.

Дар маҷмӯъ Шӯъба фаъолияти худро дар асоси Низомномаи Агентӣ, шӯъба, фармоишҳо ва қарорҳои Шӯрои Агентӣ, Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, баҳри иҷрои мунтазам ва талаботи қонунгузории ҷорӣ мувофиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти фаъолият ва дар амал татбиқ намудани онҳо тадбирҳо меандешад.

**Дафтардорӣ ва коргузорӣ**

Дар Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон », тибқи талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Вобаста ба ҳамин барои мувофиқакунонии санадҳои доҳилиидоравӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ корҳои ташкили гузаронида шуда, бо Сарраёсати бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи нави умумии парвандаҳои коргузорӣ (барои 5 сол) ва Дастурамали коргузорӣ дар Агентӣ мувофиқа гардид.

Тайи ин давра ба Агентӣ **2729 адад ҳуҷҷат ворид** шуда, хусусияти онҳо чунинанд:

***ба воситаи Вазорат***

- супоришҳои Вазорати мехнат - 603
- супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 300
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 60
- мактубҳо аз мамлақатҳои ИДМ, ташкилотҳои байналмилалӣ, сафоратхонаҳо - 85
- фармоишҳои Вазир - 57
- мукотибаи вазорату, идораҳо ва сохторҳои Агентӣ - 762
- мурочиати шаҳрвандон (аризаҳо) - 862
- қабули муроҷиати шифоҳии шаҳрвандон - 51582

Таҳлили ҳуҷҷатҳои **содиротӣ** нишон дод, ки дар соли 2012 Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 2340 **адад** хуҷҷатҳо таҳия ва барои иҷро ба сохторҳои Агентӣ ирсол намудааст,ки дар муқоиса бо соли 2011 чунин аст:

- мукотибаҳои воридотӣ 478 адад кам 85,0 %)
- мукотибаҳои содиротӣ 300 адад кам (88,6 %)

Дар ин давр 862 **адад муроҷиатҳои хаттии шаҳрвандон** ворид шудаанд, ки насбат ба соли 2011 279 ариза (75,5 %) кам мебошад.

Дар давраи ҳисобот ба Агентӣ 4 муроҷиати коллективӣ, 67 муроҷиат тавассути Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 11 адад аз Маҷлиси Намояндагон Маҷлиси Олии, Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 адад аз Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути Вазорат бошад 216 адад ва 15 ариза баъди қабули шахсии Вазир ворид шуда чунин мазмун доранд:

| | |
|---|---|
| - дар бораи гирифтани кумаки модди аз тарафи Кумитаи имдоди имом Хумайнӣ | 486 |
| - дар бораи гирифтани кӯмаки молиявӣ | 576 |
| - дар бораи дастрас намудани чиптаҳои имтиёзнок | 133 |
| - дар бораи дастрас намудани аробачаи маъюбӣ | 56 |
| - дар бораи дастрас намудани ходунок | 1 |
| - дар бораи дастрас намудани протези пой ва даст | 5 |
| - дар бораи дасрас намудани аппарати шунавоӣ | 1 |
| - оиди гирифтани роххатҳо ба истироҳатгоҳ | 42 |

| | |
|---|---|
| - оиди таъмини ба ҷои кори доимӣ | 46 |
| - оиди ҷудо намудани манзил | 7 |
| - оиди ҷойгир намудан барои табобат ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» | 8 |
| - оиди ҷойги намудан ба хона-интернати пиронсолон ва маъюбон | 5 |
| - оиди гирифтани роҳхат барои касбомӯзи | 3 |
| - дар бораи гирифтани карзи имтиёзнок барои фаъолияти соҳибкорӣ | 4 |
| - дигар масъалаҳо | 8 |

Дар муроҷиати шаҳрвандон пеш аз ҳама масъалаҳои расонидани кумаки моддӣ ва молиявӣ, дастрас намудани чиптаҳои итиёзнок, аробачаи маъюбӣ, ходунок, аппарати шунавоӣ, протези пой ва даст, роҳхат ба истироҳатгоҳҳо, гирифтани қарзи имтиёзнок, таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ ва ғайра матраҳ шуданд.

Таҳлили арзу шикояти шаҳрвандон нишон медиҳад, ки зиёда аз 63 % аризадихандагон дархости кӯмаки моддӣ ва молиявӣ доранд. Аз он ҷумла

62,9 % (543 нафар) баро ҷудо намудани кӯмаки моддӣ ва молиявӣ аз тарафи Кумитаи Имдоди Имом Ҳумайнӣ муроҷиат ворид шудааст. Оиди ҷудо намудани чиптаи имтиёзноки истифодаи ҳавопаймо ва қатора ба самти Душанбе – Москва, Санк-Петербург, Волгоград, Екатеринбург бо мақсади табобат 133 нафар, ки ин 15,4 % ташкил медиҳанд. Ҷиҳати ҷудо намудани роҳхат ба осоишгоҳҳо барои 42 нафар ( 4,8 % ), аробачаи маъюбӣ 56 нафар (6,4 %) , 1 нафар барои гирифтани ходунок ва 5 ( 0,5 %) нафар протези пой ва даст муроҷиат намудаанд 46 нафар (5,3 %) барои таъмин кардан ба ҷои кори доимӣ, оиди гирифтани қарзи имтиёзнок барои фаъолияти соҳибкорӣ 4 нафар ( 0,4%) 8 (0,9%) нафар ҷойгир намудан барои табобати фарзандашон ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» 7 (0,8 %) нафар барои ҷудо намудани манзил 8 (0,9 %) ва 3 нафар щикоят карданд аз болои роҳбарият, ки таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳамаи аризаҳои шаҳрвандон сари вақт иҷро гардида, 40 ариза ба гирдоварандаи мавод 9 ариза бо тариқи гузориш аз назорат бароварда шуд ва 6 ариза дар назорат мебошад.

Дар соли 2012 аз тарафи директор, муовинони директор, сардорони раёсатҳо ва шӯъбаҳои Агентӣ **2855 нафар шаҳрвандон қабул** карда шуданд.

Дар соли 2012 ба сохторҳои тобеи Агентии давлати ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли ахолӣ ва муҳоҷират зиёда аз **51582** нафар шаҳрвандон шифоҳӣ муроҷиат намуданд.

| Номи масъалаҳо | Ҳамагӣ муроҷиатҳ ои шифоҳӣ | Фаҳмонда шуд ё дар назорат | Баррасӣ шуд |
|---|---|---|---|
| Оиди гирифтани роҳхат барои қасбомузӣ. | 6119 | 949 | 5170 |
| Таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ. | 9548 | 3508 | 6040 |
| Дастрас намудани аробача маъюбӣ. | 748 | 327 | 420 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дастрас намудани асобағал. | 840 | 343 | 497 |
| Дастрас намудани воситаҳои садо шунавоӣ. | - | - | - |
| Гирифтани қарзи имтиёзнок. | 2391 | 1197 | 1194 |
| Кӯмаки молиявӣ. | 639 | 120 | 519 |
| Кӯмакипулӣ. | 4306 | 1543 | 2764 |
| Масъалаи шаҳодатномакунонӣ. | 2289 | 210 | 2079 |
| Гирифтани тасдиқномаи бекорӣ. | 8134 | 1225 | 6916 |
| Гирифтани роҳхат ба истироҳатгоҳ ва ҷойгир намудан дар хона-интернатҳо. | 1399 | 302 | 1097 |
| Номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони дохилӣ. | 1837 | 343 | 1494 |
| Номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони меҳнатӣ. | 658 | 41 | 617 |
| Бақайдгирии шаҳрвандон ба рӯйхати камбизоат. | 5913 | 608 | 5305 |
| Оиди ташкили корҳои ҷамъиятӣ ободони | 1314 | 360 | 954 |
| Бақайдгирии шаҳрвандон ба рӯйхати бекорон. | 214 | 37 | 177 |
| Дигар масълаҳо барои гирифтани маълумот | 4163 | - | 4163 |
| Гирифтани роҳхат ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ». | 90 | 1 | 89 |
| Гирифтани ҷубронпулии барқ. | 557 | 73 | 484 |
| Гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ. | 424 | 106 | 318 |
| Ҷамъ: | 51582 | 11293 | 40289 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 40289 муроҷиати шифоҳии шаҳрвандон баррасӣ гардида ё 78,1 % ташкил дода 11293 муроҷиати шифоҳӣ дар назорат мебошад (21,9%), ки ин дар муқоиса бо соли 2011 29712 адад зиёд аст.

Ба Маркази реинтегратсияи муҳоҷирони меҳнатии Агентӣ дар нимсолаи аввали соли 2012 - 21 нафар муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта ва шаҳрвандони бекор барои дарёфти ҷои кор ва омӯзиши касб муроҷиат намуданд. Ба аксарияти онҳо ҷойҳои кори холӣ пешниход гардид, инчунин ба муҳоҷироне, ки касби талаботи бозори меҳнатро надоранд, ба Маркази таълимии калонсолон барои касбомӯзӣ роҳнамоӣ карда шуданд.

Тазаккур бояд дод,ки таи давраи сипаришудаи соли 2012 92 нафар шаҳрвандон дар қабули мӯҳтарам Вазир оиди масъалаҳои зерин муроҷиат карданд, ки хусусиятҳои онҳо чунинанд.

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Оиди таъмини бо роҳхат ба Осоишгоҳи | 11 |
| 2 | Оиди расонидани кӯмаки модди аз тарафи Кумитаи Имдоди Ҳумайнӣ | 28 |
| 3 | Оиди ҷойгир намудан дар литсеи интернати махсуси маъюбон | 1 |
| 4 | Оиди ҷойгир намудан ба Хона-интернати пиронсолон ва маъюбон | 6 |
| 5 | Оиди ҷойгир намудан ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» | 6 |

| | | |
|---|---|---|
| 6 | Оиди дастрас намудани аробачаи маъюбӣ | 2 |
| 7 | Оиди гирифтани қарзи имтиёзнок | 5 |
| 8 | Оиди таъмин намудан ба ҷои корӣ доимӣ | 18 |
| 9 | Оиди расонидани кумаки молиявӣ | 9 |
| 10 | Оиди гирифтани роҳхат барои касбомӯзи | 1 |
| 11 | Оиди дастраси чиптаи имтиёзнок | 3 |
| 12 | Оиди дастраси кӯмаки иҷтимоӣ | 2 |

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз ҷониби Агентӣ ҳолати коргузорӣ ва дафтардорӣ дар сохторҳои Агентӣ мавриди барраси ва санҷиш, ки дар натиҷа баъзе камбудиҳо дар ба қайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ ошкор карда шуда, баҳриислоҳи онҳо дастуру маслиҳатҳо дода шуд.

**Корҳои иттилоотӣ ва робита ба ҷомеа**

Агентӣ дар иртибот бо робитаҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ фаъолияти кории худро тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон, амру фармонҳои Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи ичтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва Низомномаи шӯъбаи робитаҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ ба роҳ монда, дар давраи ҳисоботӣ чунин корҳоро анҷом дод.

Дар ҳамкорӣ бо **шабакаҳои телевизионии** ТВТ-1, “Ҷаҳоннамо”, “Сафина”, “Баҳористон” дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси Агентӣ **168** барномаю гузоришҳои телевизионӣ сабт гардида ҷиҳати пахш намудани эълонҳо дар барномаҳои иттилоотӣ оиди баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холии соҳавӣ барои маъюбон, соҳаи маориф, омӯзиши малакаи касбӣ мактуб таҳия ва дастрас карда шуд, ки зиёда аз **142 эълони вакансияҳои ҷойҳои кори холӣ** бо сатри равон ҳамарӯза ба корҷӯён ва ниёзмандон пешниҳод гардид.

Мавриди зикр аст, ки таи давраи сипари шудаи соли 2012 Агентӣ ҳамкориро бо шабакаҳои интернетии АМИТ «Ховар», «Азия-плюс», «Тоҷ-news» ва «labour.tj», «Пресса.тч», «Озодагон» ва «Имрӯз-нюс» хуб ба роҳ монда, ҷиҳати инъикоси фаъолияти АДҲИШАМ мунтазам маводҳои иттилоотӣ манзур намуда, **ба шабакаҳои иттилоотӣ 80** мавод ворид карда шуд.

Аз натиҷаи фаъолияти Агентӣ ва иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Кӯмакҳои хайриявӣ ба хонаинтернатҳо”, «Кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат», «Муҳоҷирати дохилии аҳолӣ », «Хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон дар марказҳои муваққатӣ » ва “Ҳифзи иҷтимоӣ” дар соли ҳисоботӣ оиди ҷорӣ намудани низоми кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истравшан ва Ёвони вилояти Хатлон дар шабакаҳои телевизионӣ барномаҳо пахш гардиданд, ки ин барои боз ҳам беҳтар шудани фаъолияти мақомоти Агентӣ мусоидат намуд.

Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки бахшида ба “Рӯзи байналмилалии маъюбон” бо ташаббусу дастгириҳои Вазорати мехнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумхурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон консерти хайрия дар “Кохи Ҷомӣ” бо иштироки ҳунармандони маъюб ва ситораҳои эстрадаи тоҷик 3 –юми декабри соли ҷорӣ баргузор гардид.

Тибқи маълумоти дастрасшудаи мақомоти зертобеи Агентии давлатӣ маълум гардид, ки дар маҳалҳо низ барои пеш бурдани сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тариқи шабакаҳои ТВ, радио ва рӯзномаҳои даврию расмӣ (дар шабакаҳои маҳаллӣ) маводҳои гуногун омода карда, ба ниёзмандон манзур гардонидаанд. Ҳамчунин дар маҳалҳо баҳри пешбурди сиёсати давлатӣ оиди ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират корҳои тарғиботӣ–ташвиқотӣ мутобиқи имконияту шароитҳо ба роҳ монда шуда, бештар маълумот ва эълонҳоро тавассути тахтаи эълонҳо ва стендҳо ба иттилои шаҳрвандон расонида дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳру ноҳияҳо дар самти сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тариқи шабакаҳои ТВ, радио ва рӯзномаҳои даврию расмӣ маводҳои гуногун омода карда, ба ниёзмандон манзур гардонидшуд.